То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 25 сентябри соли 2026 — №6-7 (247-248)



Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, нишонаи олии ҳувияти миллӣ, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик ва асоси хушбахтиву сарбаландии сокинони Тоҷикистон мебошад.

Эмомалӣ РАҲМОН,
Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАБРИКОТИ

ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ
Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шукри соҳибдавлатӣ ва шукронаи сулҳу субот дар Ватани азизамон, ки бо ифтихор ва эҳсоси баланди ватандӯстӣ ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоем. Ин ҷашн барои ҳар як шаҳрванди кишвар танҳо як санаи таърихӣ нест, балки фурсати арзёбии роҳи тайкардаи давлат, таҳлили дастовардҳо, сабаққои таърих ва муайян намудани масъулияти насли имрӯз дар назди ояндаи миллат мебошад.

Истиқлолият бузургтарин дастоварди сиёсӣ ва таърихии миллати тоҷик буда, имконият фароҳам овард, ки сарнавишти давлатро мустақилона муайян намоем, давлатдории миллиро таҳким бахшем, арзишҳои таърихию фарҳангиро эҳё кунем ва ҳамчун давлати соҳибихтиёр дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мақом устувор созем.

Дар баробари ифтихор аз таърихи 35-солаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, набояд фаромуш кард, ки нақш ва хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун яке аз чеҳраҳои калидии давлатдории навини Тоҷикистон беназир буда, мавқеи хос дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шароити душвор роҳи муколама, созиш, бахшиш, ваҳдат ва барқарорсозии давлатдориро интихоб намуданд. Раванди сулҳи тоҷикон, ки дар натиҷаи музокироти тӯлонӣ ва талошҳои сиёсӣ ба имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 ба анҷом расид, барои таърихи муосири Тоҷикистон рӯйдоди сарнавиштсоз гардид.

Аз ин рӯ, таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон на танҳо барои ҷомеаи мо, балки ҳамчун намунаи ҳалли низоъ тавассути гуфтушунид ва иродаи сиёсӣ аҳамияти байналмилалӣ дорад.

Мо бояд дарк намоем, ки Истиқлолияти давлатӣ бидуни ваҳдати миллӣ наметавонад пойдор бошад. Дар ин замина, хизматҳои Пешвои миллат танҳо дар барқарорсозии сулҳ маҳдуд намешаванд. Пас аз истиқрори сулҳ масъалаи муҳимми дигар - таъмини суботи сиёсӣ ва бунёди низоми устувори давлатдорӣ барои Тоҷикистон ба миён омад. Таҳкими сохторҳои давлатӣ, рушди институтҳои давлатдорӣ, таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии рушди ҷомеа аз равандҳои муҳимми даврони истиқлол ба шумор мераванд.

Ҷанбаи дигари муҳим гузариш аз



марҳилаи барқарорсозӣ ба марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Дар ин раванд Тоҷикистон ба рушди энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, инфрасохтор ва иқтисоди рақамӣ диққати бештар дода, рушди ин соҳаҳо аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ гардиданд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол ташаккул ва рушди дипломатияи миллии Тоҷикистон мебошад. Бо роҳбарии Пешвои миллат Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ сиёсати хориҷиро дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллӣ, эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳалли осоиштаи ихтилофҳо ва ҳамкории байналмилалӣ пеш мебарад.

(Давомаш дар саҳ. 3)


36 СОЛИ ДАСТОВАРДҲО
дар роҳи рушди маориф ва саноат

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки ҳамқадами замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ба маркази бузурги илму маърифат ва муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии касбии кишвар мубаддал гашта, ба давраи 36-умин соли фаъолият ворид гардид ва роҳи пуршарафи рушду камолотро давом медиҳад.

Таърихи ташкилёбии ДТТ аз 20-уми сентябри соли 1990 оғоз меёбад, вақте ки бо Қарори Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон (№207) нахуст ҳамчун Коллеҷи олии технологии Тоҷикистон таъсис ёфт. Сипас, бо Қарори Девони Вазирони ИҶШС аз 29 июли соли 1991 (№530) ва тасдиқи расмии он бо Қарори Девони Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 1991 (№266) ба Донишкадаи технологии саноати сабук ва озуқаворӣ табдил ёфт.

(Давомаш дар саҳ. 5)

35 СУХАНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БОРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Истиқлолият муқаддастарину азизтарин неъмат, рамзи саодат ва асолати миллат, шарафу номуси ватандорӣ ва нишонаи пойдориву бақои давлат мебошад.

...Неъмати пурқиматтарин ва дастоварди бузургтарини мо истиқлолият мебошад.

Истиқлол барои мо азизтарин неъмат ва бузургтарин дастоварде мебошад, ки тоҷикон баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба он муяссар гардиданд.

Чунонки аз сарнавишти бисёр қавму миллатҳои сайёра бармеояд, соҳибистиқлолӣ насиби ҳар халқ намегардад.

Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавишти ояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд.

Миллате, ки тақдири имрӯзу фардои давлат ва сарзамини худро дар ихтиёр дорад, аз саодати бузурге бархурдор аст.

Истиқлоли давлатӣ оғози давраи комилан нав дар таърихи давлатдории тоҷикон, марҳалаи тоза дар ташаккули ҳувияти миллии мо ва муқаддастарину бузургтарин ҷашн барои мардуми Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Истиқлолу озодӣ мояи ифтихору сарфарозӣ ва нангу номуси халқи мост, ки ба шарофати он беш аз се даҳсола инҷониб мо барои ободии Ватани азизамон ҷаҳду талош меварзем.

Яке аз шартҳои истиқлолияти воқеии ҳар давлат эътироф гардидан ва шинохта шудани он аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Истиқлолият Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон пайванди ногусастанӣ ва ҳамешагӣ бахшид ва дарвозаҳои чаҳор самти олами бекаронро ба рӯяш боз намуд.

Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад.

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносиберо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Бо шарофати истиқлолият нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон пайваста боло меравад ва ташаббусҳои кишвари мо ба хотири саодати тамоми сокинони сайёра дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта мешаванд.

Модели хоси давлатдории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҷаҳони муосир эътироф намуд ва кишвари мо мақому манзалати шоистаи худро дар ҷомеаи башарӣ пайдо кард, ки ин бузургтарин дастоварди мо дар интиҳои асри XX ва ибтидои садсолаи XXI маҳсуб мешавад.

Дар дунёи пуртазоди муосир танҳо миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад.

Ба шарофати истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ узвияти комилҳуқуқ ва як овози баробар дорад, ҷомеаи ҷаҳонӣ кишвари моро мешиносад ва пешниҳодҳои онро дастгирӣ менамояд.

Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду боли тавоное мебошанд, ки Тоҷикистонро ба парвозҳои баланд ҳидоят менамоянд.

Мояи ифтихори мардуми Тоҷикистон аст, ки мо баъди садсолаҳои зиёд маҳз ба шарофати ин неъмати бебаҳо, яъне истиқлолияти давлатӣ бо дарназардошти анъанаву суннатҳои таърихии аҷдодиамон ва бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои мутамаддину пешрафта бистуду сол қабл ба бунёди давлатдории миллии худ оғоз кардем.

Рисолати истиқлолиятхоҳии фарҳангӣ бо рукнҳои мухталифаш тавонист миллати борҳо аз истиқлолияту давлатдорӣ маҳрумгаштаи моро боз гашта ба истиқлолияту соҳибдавлатӣ бурда расонад.

Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди нерӯи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд.

Ба туфайли истиқлолияти давлатӣ мо пояҳои фарҳанги миллиамонро низ устувор намудем ва беҳтарин арзишҳои фарҳангии худро аз нав барқарор кардем.

Муваффақ шудани давлатамон ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ – раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ дастоварди бузурги даврони истиқлол мебошад.

Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати бунёди роҳҳо ва нақбу пулҳо Тоҷикистони сепорча ба қаламрави воҳид табдил ёфт, яъне робитаи заминии байни ҳамаи минтақаҳои он дар чор фасли сол таъмин гардид.

Дар давраи истиқлолият барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ ба як миллиону 300 ҳазор оила, яъне ба зиёда аз 7 миллион нафар шаҳрвандон 129 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд.

Дар замони истиқлолият теъдоди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ се баробар, шумораи умумии донишҷӯёни мактабҳои олӣ чор баробар ва номгӯи ихтисосҳое, ки дар мактабҳои олии кишвар аз рӯи онҳо кадр тайёр карда мешавад,





Истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ дар назди мо - шаҳрвандони Тоҷикистон вазифаи басо пурифтихор, вале бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба орзуву ормон ва манфиатҳои халқи кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро пеш гузошт.

Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳимми истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, нишонаи олии ҳувияти миллӣ, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик ва асоси хушбахтиву сарбаландии сокинони Тоҷикистон мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати пирӯзиҳои варзишгарони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ 5743 маротиба Парчами Тоҷикистони азизи мо афрохта шуда, 1797 маротиба Суруди миллии давлати тоҷикон садо додааст.

Истиқлолият барои эҳёи забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллӣ заминаи устувор гузошт. Забони ширину шево ва шоиронаву зебои тоҷикӣ, ки моро ба ҷаҳониён ҳамчун миллати куҳанбунёд ва қавми ориёӣ муаррифӣ кардааст, ба ҳайси забони давлатӣ эътироф шуд.

Дар даврони истиқлолият баробари баланд бардоштани мақоми забони давлатӣ мо суннат ва анъанаҳои миллии худро эҳё намудем ва барои арҷи бештар гузоштан ба онҳо шароити зарурӣ фароҳам овардем.

Ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ рушди маориф, илм ва фарҳанг дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон самти афзалиятнок эълон гардид.


Истиқлолият барои мо яке аз муқаддастарин арзишҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ин дастоварди бузург натиҷаи талошу муборизаҳои фарзандони бонангу номуси тоҷик ба хотири амалӣ намудани ормони чандинасраи халқамон, яъне эҳёи давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Мардуми шарифи Тоҷикистон хуб дарк мекунанд, ки истиқлолият ва озодӣ арзиши нахустин ва бисёр азизу муқаддас дар ҳаёти ҳар як шахси огоҳу бонангу номус ва шарти муҳимтарини зиндагии шоистаи ҳар як фарди Ватан мебошад.

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

АЗ БАРНОМАИ ФАРҲАНГӢ ТО ТАҚДИМИ ҶОИЗАҲО

ё таҷлили ҷашни пуршукӯҳи истиқлол дар ДТТ



3-юми сентябри соли 2026 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ ва фарҳангии «Шукӯҳи Истиқлол» доир гардид. Дар он роҳбарият, устодону кормандону донишҷӯёни



таълимгоҳ, меҳмонон аз дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва собиқадорони хизмати давлатӣ иштирок намуданд.

Ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, чорабиниро ҳусни оғоз бахшида, дар бораи таърихи ташаккули соҳибихтиёрии кишвар ва хизматҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан ронд.



Аз ҷумла, иброз дошт, ки Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як миллат бузургтарин дастоварди сиёсӣ ва таърихӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, он барои миллати тоҷик танҳо ба даст овардани соҳибихтиёрии давлатӣ нест, балки эҳёи давлатдории миллӣ, таҳкими худшиносӣ, эҳтиром ба



забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои муқаддаси миллӣ мебошад. Ба ғайр аз ин, истиқлолият масъулият аст. Масъулияти ҳифзи Ватан, таҳкими давлатдорӣ, эҳтироми қонун, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фароҳам овардани зиндагии шоиста барои наслҳои имрӯз ва фардо.

Баъдан, аз ҷониби раёсати донишгоҳ барои хизмати бенуқсон 35 нафар омӯзгору корманд ва донишҷӯ бо Ифтихорнома, 5 нафар собиқадору корманди собиқ бо медали ҷашнии “35-солагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” қадрдонӣ шуданд. Дар баробари ин, 6 нафар омӯзгоре, ки дар арафаи ҷашни фархундаи Истиқлоли давлатӣ ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илм сазовор гардиданд, бо қарори Шурои олимони ДТТ ҳар кадом ба маблағи 5 ҳазор сомонӣ мукофотонида шуданд.

Бахши фарҳангии чорабиниро аҳли ҳунари ансамбли тарона ва рақси «Зуҳал»-и донишгоҳ бо суруду таронаҳои ватандӯстона ва васфи зебоиҳои Тоҷикистон шукӯҳу шаҳомати хосса бахшиданд.

Хабарнигори «Фановар»

ТАБРИКОТИ

ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Идома аз саҳ. 1)

Агар дар марҳилаи аввали истиқлол масъалаи асосӣ ҳифзи давлат бошад, дар марҳилаи ҳозира масъалаи калидӣ таъмини рақобатпазирии давлат мебошад. Дар ҷаҳони муосир рақобат на танҳо барои захираҳои табиӣ, балки барои илм, технология, сармояи инсонӣ ва иқтидори зеҳнӣ мебошад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи пайвастаи роҳбарияти давлат ба соҳаи маориф, илм, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва рушди тафаккури техникиву технологӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки 31 августи соли 2026 дар мулоқот бо аҳли маорифи кишвар Пешвои миллат таъкид карданд, ки алҳол зарурат пеш омадааст, ки устодони муассисаҳои таълимӣ на танҳо мутахассис омода кунанд, балки муҳаррики рушди илм, инноватсия ва иқтисоди донишбунёд бошанд. Дониста бошем, ки маҳз насли соҳибмаърифат метавонад истиқлолро дар сатҳи нав таҳким бахшад.

Истиқлолияти сиёсӣ бидуни худшиносии миллӣ устувории комил пайдо намекунад. Таърих, забон, фарҳанг, адабиёт, арзишҳои миллӣ ва мероси маънавии халқ пояҳои худшиносии шаҳрвандӣ мебошанд.

Алҳол вазифа танҳо ифтихор кардан аз дастовардҳои гузашта нест. Хониши хубу аъло, интизоми намунавӣ, мутахассиси хуб шудан ва эҷод кардани дастовардҳои нав мебошад.

Дар шароити ҳозира ҷавони муосири тоҷик бояд соҳиби дониш ва касб бошад, технологияи навро аз бар кунад, забонҳои хориҷиро омӯзад, таърих ва фарҳанги миллиро донад, қонунро эҳтиром кунад, дар муқобили экстремизм ва ифротгароӣ мавқеи устувор дошта бошад, ба Ватан бо меҳнати созанда хизмат намояд. Ин аст, марому ҳадафи ҷавони соҳибватани замони истиқлол!

35 сол истиқлол доштан моро ба хулосаи муҳим мерасонад, ки онро ба даст овардан муҳим аст, аммо ҳифз кардан, таҳким бахшидан ва ба наслҳои оянда супоридан масъулияти боз ҳам бузургтар мебошад.

Алҳол вазифа таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи сулҳ, баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа, рушди илм ва маориф, таҳкими иқтисод ва тарбияи насли худшиносу ватандӯст мебошад. Бояд дарк кунем, ки давлатро танҳо бо биноҳои нав не, балки бо инсонҳои соҳибмаърифат, қонунмеҳвар ва масъулияташинос месозанд. Аз ин рӯ, новобаста аз касбу кор ҳар як омӯзгор, олим, донишҷӯ, корманди давлатӣ, соҳибкор, муҳандис, табиб, кишоварз ва намояндаи ҷомеа метавонад дар таҳкими истиқлол саҳм гузорад.

Ногуфта намонад, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ зодаи даврони соҳибистиқлолӣ асту ин давра дар ҳама самт ба дастоварҳои хеле назаррас ноил гардидааст. Бо шарофат ва заҳмати олимону устодон дар ин давра, донишгоҳ беш аз 21 ҳазор мутахассиси баландихтисосро омода намудааст, ки дар пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар содиқона хизмат намуда, обрӯ ва нуфузи донишгоҳро баланд бардошта истодаанд.

Дар ин лаҳзаҳои ниҳоят фараҳбахш аҳли устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳи муқаддас ба Пешвои маҳбуби миллатамон арзи сипосу миннатдорӣ баён менамоем, ки маоши амалкунанда ва стипендияи донишҷӯён аз моҳи сентябр 20 фоиз зиёд гардид. Ин ҳавасмандӣ ва дастгириҳои ҳарвақтаи роҳбарияти олии кишвар мебояд моро аз ҳарвақта бештар ба масъулият ва сифатнок анҷом додани корамон ҳидоятгар бошад.

Дар ин замина, бо истифода аз имкониятҳои донишгоҳ бояд қайд намоям, ки дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат мо низ ин иқдомро дастгирӣ намуда, дар зарфи се соли охир 35 дарсад маоши кормандонро баланд бардоштем. Имсол низ ба маоши амалкунандаи кормандон аз ҳисоби суратҳисоби махсуси донишгоҳ 10 дарсад баланд бардошта мешавад. Боварӣ дорам, ки ин ҳама таваҷҷуҳу дастгирӣ ба сифати фаъолиятамон таъсири мусбат мерасонад. Ба ғайр аз ин, ба муносибати ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба ҳама кормандони донишгоҳ дар ҳаҷми ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ ҷудо гардид.

Бигзор Истиқлоли давлатӣ ҳамчун арзиши муқаддаси миллӣ, сулҳу ваҳдат ҳамчун пояи суботи ҷомеа ва илму маориф ҳамчун неруи пешбарандаи давлат ҳамеша таҳким ёбад.

Бо эҳтироми амиқ ба хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бигзор роҳи давлатсозӣ, сулҳофарӣ ва созандагии Тоҷикистони соҳибистиқлол пайваста идома ёбад.

Бигзор Тоҷикистон дар марҳилаи нави рушд ба давлати боз ҳам қавӣ, рақобатпазир, соҳибмаърифат ва технологӣ табдил ёбад.

35-солагии Истиқлолизnb давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бароятон муборакбод мегӯям!



«РӮЗИ ДОНИШ» ВА «ДАРСИ СУЛҲ» ДАР ДТТ

Якуми сентябри соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ бахшида ба «Рӯзи дониш” ва “Дарси сулҳ» бо иштироки доираи васеи устодону кормандону донишҷӯён ва меҳмонон баргузор шуд.



Дар оғоз муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ Аҳлиддин Сайиднуриддинзода ва ректори донишгоҳ Зоир Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ҳозиринро ба муносибати оғози соли нави таҳсил ва “Дарси сулҳ” табрику таҳният гуфтанд.

Зикр гардид, ки гузаронидани «Дарси сулҳ» дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ рамзи амният, созандагӣ ва эҳёи худшиносии миллӣ мебошад. Инчунин, нақши омӯзгори асри XXI дар тарбияи насли ватандӯст, соҳибфарҳанг ва навовар муҳим арзёбӣ шуд.

Инчунин, қайд гардид, ки омӯзгор дар ҷомеа на танҳо омӯзандаи фан, балки тарбиятгари шахсият мебошад. Як сухани дурусти ӯ метавонад ҷаҳонбинии хонандаро тағйир диҳад. Як дарси хуб метавонад муҳаббат ба илмро бедор кунад. Як намунаи шахсии омӯзгор метавонад инсонро ба роҳи рост ҳидоят намояд. Дар шароити ҳозира, бар асоси ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат омӯзгори асри XXI бояд донишманд, ватандӯст, таҳаммулпазир, навовар, масъулиятшинос ва соҳибфарҳанг бошад. Вазифаи омӯзгор тарбияи насли нав аст, ки тавонад ҳамзамон ватандӯст ва ҷаҳонбин, миллатдӯст ва соҳиби мавқеи шаҳрвандию тарафдори сулҳ бошад.



Дар анҷом, тибқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ва вобаста ба дастгирии табақаҳои ниёзманд, аз номи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба 13 нафар донишҷӯи ятими кулл ва маъюби гурӯҳи дуюм (ҳар кадом ба андозаи 2000 сомонӣ) кӯмакпулӣ супорида шуд.

ҚАДАМ БА СӮИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ИННОВАТСИЯИ МУШТАРАК



Моҳи равон бо мақсади рушди ҳамкорӣ намояндагони Гурӯҳи муассисаҳои таълимии MERI (Ҳиндустон) –Лалит Аггарвал, ноиби президент, профессор, Лив Аггарвал, роҳбари самти инноватсия ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, профессор ва Рамакант Двиведи, директори Бунёди Ҳиндустон-Осиёи Марказӣ, профессор, ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ташриф оварда, бо ректори он, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, вохӯрданд. Зимни мулоқот инчунин намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Ректори ДТТ ба меҳмонон оид ба фаъолият, сохтори таълимӣ, самтҳои асосии омодасозии мутахассисон, иқтидори илмӣ-тадқиқотӣ, имкониятҳои рушди инноватсионӣ ва самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байналмилалӣ муфассал маълумот дод.

Сипас, ҷонибҳо дурнамои ҳамкориро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, рақамикунонӣ ва инноватсия баррасӣ карданд. Аҳаммияти мубодилаи академии омӯзгорону донишҷӯён, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ, баргузории курсҳои фосилавӣ ва истифодаи платформаҳои рақамӣ дар раванди таълим низ таъкид гардид.

Дар идома ҷонибҳо ба масъалаи роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва барномаҳои такмили ихтисос, инчунин таҳия ва истифодаи платформаҳо ва барномаҳои рақамӣ барои идоракунии раванди таълим, арзёбии лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Таъкид гардид, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таълимии ҷониби Ҳиндустон дар ин самт метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди малакаҳои рақамии омӯзгорон ва донишҷӯён мусоидат намояд.

Дар фарҷом байни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва «MERI Group of Institutions» Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ ба имзо расид.

“ФАНОВАР”

ДАСТОВАРДҲОИ ТОЗА

Дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бархе аз омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мукофотҳои олии давлатӣ ва дараҷаҳои илмӣ сарфароз гардиданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ, дотсент Ғафоров Фирӯзҷон Муҳридинович, мудири кафедраи «Дизайни либос ва санъати мӯд», номзади илмҳои таърих, дотсент Соҳибназарзода Мирзоназар, номзади илмҳои техникӣ Ҳакимов Ғафурҷон Қосимҷонович, директори Литсейи инноватсионии «Душанбе»-и назди донишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ Назарзода Мавлуда Раҷабалӣ ва омӯзгори фанни забони давлатии ҳамин таълимгоҳ Аборзода Соҳира Ҳамидулло бо медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ шуданд.

Ҳамчунин, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2026, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ Асомуддини Абдулмумин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идора Қаландаров Илҳомҷон Эмомназарович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мушарраф гардиданд.

Роҳбарият, ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамкоронро бо ин дастовардҳои арзанда самимона табрик гуфта, ба онҳо дар фаъолияти минбаъда барору комёбӣ ва фатҳи қуллаҳои нави илмиро таманно доранд.





«ФАРҲАНГИ КИТОБДОРӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ»

Таҳти ҳамин унвон 4 сентябри соли 2026 дар Китобхонаи илмӣ-электронии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба «Рӯзи китоб» ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати гирди мизи мудаввар баргузор гардид.

Дар он муовини ректор оид ба робитаҳои хориҷӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ, доктори илмҳои техникӣ Хуршед Икромӣ, мудири китобхона Ёров Икромиддин, омӯзгорону кормандони донишгоҳ ва қисман донишҷӯён иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимнан оид ба нақши китоб дар баланд бардоштани маърифату ҷаҳонбинии ҷавонон, таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди фарҳанги мутолиа дар даврони соҳибистиқлолӣ андешаҳои ҷолиб баён гардиданд.

Дар анҷом як қатор донишҷӯён барои мутолиаи мунтазами китобҳои дарсӣ, илмӣ ва бадеӣ, иштироки фаъолона дар маҳфилҳои илмӣ ва саҳмгузорӣ дар рушди фарҳанги китобхонӣ бо Ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.

“ФАНОВАР”



36 СОЛИ ДАСТОВАРДҲО

дар роҳи рушди маориф ва саноат

(Идома аз саҳ. 1)

Минбаъд, бо дарназардошти аҳаммияти рӯзафзуни он дар рушди иқтисодиёт, бо Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 1993 (№80) ба муассиса мақоми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шуд.

Саҳм дар тайёр кардани мутахассисон ва потентсиали илмӣ

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ягона муассисаи таҳсилоти олӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки мутахассисони баландихтисосро маҳз дар соҳаҳои стратегию муҳимми саноати сабук ва хӯрокворӣ омода месозад.

Он дар тӯли фаъолият беш аз 21137 нафар мутахассиси баландихтисосро тайёр кардааст (аз ҷумла 20463 нафар бакалавр ва 674 нафар магистр), ки беш аз 700 нафари онҳо соҳиби дипломи аъло гардидаанд.

Айни замон дар донишгоҳ 164 омӯзгори доимӣ фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 12 нафар доктор ва 91 кас номзади илм мебошанд. Сатҳи дараҷа ва унвони илмидоштаи ҳайати устодон 63,2 дарсадро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи баланд дар соҳаи таҳсилоти олии касбии кишвар ба ҳисоб меравад.

Пешгом дар инноватсия ва низоми кредитӣ

ДТТ яке аз аввалин донишгоҳҳо дар кишвар мебошад, ки гузариш ба низоми кредитии таҳсилотро оғоз намуд. Ҳанӯз соли 2005 донишҷӯёни ду факултет - муҳандисӣ-иқтисодӣ ва байналмилалӣ ба омӯзиши ин технология ворид шуданд. Алҳол низомнома ва адабиётҳои таълимию методӣ пурра ба талаботи низоми кредитии ҷаҳонӣ мутобиқ карда шудаанд.

Айни замон сохтори донишгоҳ аз 8 факултет, 20 кафедра, 4 марказ, шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ (магистратура ва PhD), филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» иборат аст.

Омодасозии мутахассисон аз рӯйи 57 барномаи бакалавриат, 36 барномаи магистратура ва 8 ихтисоси докторантура (PhD) ҷараён дорад.

Заминаи моддӣ-техникӣ ва инфрасохтори муосир

Ҷараёни таълими донишгоҳ дар асоси технологияҳои муосир ба роҳ монда шудааст. Муассиса дорои 133 синфхона (аз ҷумла 26 толори лексионӣ, 25 синфхонаи компютерӣ, 17 озмоишгоҳ ва 65 синфхона барои машғулиятҳои амалӣ) мебошад.

Барои таълими муассир беш аз 900 компютер, 54 синфхонаи муҷаҳҳаз бо технологияи мултимедӣ, 64 тахтаи электронӣ ва 94 проектор истифода мешаванд. Озмоишгоҳҳо бо таҷҳизоти нави технологии соҳавӣ муҷаҳҳазанд.

Эътирофи байналмилалӣ ва рейтинги донишгоҳ



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф ва ҷойгоҳи хоса дорад.

Моҳи декабри соли 2013 аз ҷониби Агентии «Интерфакс» дар байни 400 донишгоҳи беҳтарини кишварҳои ИДМ ҷойи 151-умро ишғол намуда, ба топ-200 шомил гардид.

Дар рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олии «IAAR-EUR 2022» сазовори ҷойи ифтихорӣ гардида, ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи АврУосиё шомил шуд.



Мақоми донишгоҳ дар рейтинги миллии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста афзоиш меёбад: соли 2016 ҷойи 13-ум, 2018 - 10-ум, 2022 - 8-ум ва соли 2025 дар ҷойи 6-ум.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ

ДТТ дар заминаи беш аз 100 созишнома бо донишгоҳ ва марказҳои таҳқиқотии 25 давлати ҷаҳон (Аврупо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин, ИДМ) ҳамкории зич дорад. Ҷуғрофияи табодули академии устодону донишҷӯён кишварҳое чун Италия, Испания, Олмон, Португалия, Ҳиндустон, Чин, Қазоқистон, Федератсияи Россия ва дигаронро фаро мегирад. Инчунин, донишгоҳ дар лоиҳаҳои бузурги барномаҳои байналмилалӣ, ба монанди Erasmus+, GIZ, JICA, KOICA, Бонки ҷаҳонӣ, ЮНЕСКО ва UNDP, фаъолона ширкат меварзад.

Ногуфта намонад, ки дар солҳои гуногун раёсати ин маҳзани илму донишро шахсони зерин ба уҳда доштанд:

Пӯлодов Пӯлод Атаевич, номзади илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1990–2000);

Катаев Амир Ҳабибович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Арбоби хизматнишондодаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000–2008);

Шоҳиён Нуралӣ Набот, номзади илмҳои техникӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор (2008–2016);

Амонзода Илҳом Темур, доктори илмҳои техникӣ, профессор (2020–2025).

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 215 аз 15 апрели соли 2024, роҳбарии ин муассисаи олии таълимиро доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ пеш мебарад.

Хулас, дар тӯли 36-соли фаъолият Донишгоҳи технологии Тоҷикистон исбот намуд, ки яке аз такягоҳҳои асосии рушди саноат, инноватсия ва таҳсилоти олии муосир дар кишвар мебошад. Фаъолияти ин маркази илмӣ-таълимӣ саҳифаи рахшони таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлолро муаррифӣ мекунад.

“ФАНОВАР”



СЕЮНИМ ДАҲСОЛАИ МУЗАФФАРИЯТ ВА СОЗАНДАГӢ



Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ки бузургтарин дастоварди таърихиву сиёсии миллат ба шумор меравад, барои мардуми шарафманди кишвар саодати бузурги созандагиву ободкориро ба армуғон овард. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, халқи бунёдкори мо соҳиби эътибору эҳтироми баланд гардида, Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати сулҳхоҳ ва миллати тамаддунсозу фарҳангпарвар эътироф шуд. Зеро халқи тоҷик аз азал бо донишу хирад ва саҳми босазо гузоштан дар рушди фарҳанги инсоният шинохта шудааст.

Бояд таъкид намуд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун Исмоили Сомонӣ асосгузори давлатдории тоҷикону барафрӯзандаи офтоби дурахшони мулк гардиданд. Дар соатҳои сарнавиштсоз бо мардонагӣ, шуҷоат ва ҳушёрӣ вориди майдони сиёсат шуда, ҳамчун Куруши Кабир парчами сулҳу ваҳдатро баланд бардоштанд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар лаҳзаҳои ғамбортарини таърихӣ, ки оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга мезад, халқу миллатҳои сокини мамлакатро зери як парчам муттаҳид намуда, давлатро аз гирдоби нестӣ наҷот доданд ва дасти иртиҷои сиёҳи душманонро аз сари мардум кӯтоҳ сохтанд.

Дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ барномаи зиёд татбиқ гардиданд, ки ба таҳкими рукнҳои давлатдорӣ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ хизмат намуданд.

Соли равон Сарвари мамлакат дар “Рӯзи дониш” таъкид карданд, ки давлат танҳо вақте тавоно мегардад, ки ҷавононаш соҳиби илму дониш, касбу ҳунар, одобу ахлоқ ва ҳисси баланди ватандорӣ дошта бошанд. Ин ҳидоят моро водор месозад, ки дар баланд бардоштани сифати таълим ва ҷалби ҷавонон ба омӯзиши фарох саҳми арзанда гузорем. Самараи ҳамин сиёсати фарҳангпарварона аст, ки алҳол шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба 51 адад расида, садҳо ҷавони саодатманд дар марказҳои илмии хориҷи кишвар низ таҳсил намуда, таҷрибаи пешқадамро баҳри ободии Ватан меомӯзанд.

Дар остонаи ҷашни таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, ҳама шоҳиди он гардидем, ки бо пуштибонии мардум аз сиёсати Пешвои миллат, симои манотиқи кишвар ва деҳоти он рӯз ба рӯз ободтар ва пойтахти азизамон - шаҳри Душанбе ба яке аз марказҳои зеботарини ҷаҳон мубаддал мегардад.

Шукронаи истиқлолу соҳибдавлатӣ ва Роҳбари муаззами миллат, ки мардумро ба сӯи созандагӣ ҳидоят мекунанд. Халқи азизи Тоҷикистон ин дастурҳоро сармашқи фаъолият қарор дода, аз хонаву дар то маҳаллу шаҳрҳоро гул-гулшукуфон месозанд.

Дар айни замон, новобаста ба вазъи мураккаби сиёсии ҷаҳон, ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ вазифаи муқаддаси ҳар як фарди ватандӯст мебошад.

Асомиддин АБДУЛМУЪМИН,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ, номзади илми таърих

Истиқлоли давлатӣ волотарин ва пуразиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик буда, нишонаи ҳувият, ифтихор, рамзи саодат ва бақои миллат мебошад. Ин неъмати бебаҳо барои эҷоди аркони давлатдории муосир шароит фароҳам карда, нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик армуғон оварад.

35 сол мешавад, ки аз фазои Истиқлолияти давлатӣ нафас мекашем. Дар ин айёми пурифтихор Тоҷикистони азизамон ободу шукуфон гардида, халқи меҳнаткаши он ба сӯи оянда дурахшон устуворона қадам мезанад.

Ман ҷавони босаодати даврони истиқлолам, зеро дар ин замон ба дунё омада, ба воя расидам. Дар бонуфузтарин донишгоҳи ҷумҳурӣ таҳсили илм карда, ҳоло ҳамчун омӯзгор бо шукргузорӣ аз фазои ободу осуда фаъолият дорам.

Истиқлолият неъмати бисёр азиз ва ширину ба ҷон баробар аст. Ҳар миллату давлат барои он мубориза мебарад, зеро он ифтихор, осоишу оромӣ, ормони халқи куҳанбунёд ва сари баланди ҳар як шарванд мебошад. Ба ҳайси вориси миллат болида аз он ҳастем, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар шуҷоатманду ватанхоҳ ба воя расида, бо гузашти солҳо тавонистем собит созем, ки тоҷикон мардуми соҳибтамаддун ва волосухану оламгиранд.

Гузашти таърихи навини давлатдорӣ далолат бар он дорад, ки тоҷикон чун халқи бомаърифат, дар баробари таъсис ва устуворбахшии давлати навин, тавонистанд баҳри рафъи мушкилоти аҳли башар ва умдатарин масоили давр нақшгузор бошанд. Хуб дарк кардаем, ки озодии комили миллат замоне насиб гаштааст, ки ҷаҳонро рақобати сиёсиву миллӣ, фарҳангиву илмӣ фаро гирифтааст. Бо вуҷуди ин рисолати аҷдодӣ - некхоҳиву футувватмандӣ, инсондӯстиву хештаншиносиро ҳифз намуда, бо роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пойдорию такомули пояҳои давлатдорӣ қадамҳои устувор мегузорем.

Сано бодо ба нафароне, ки манфиати халқи азизро аз манфиати шахсӣ авлотар дониста, барои шукуфоии он ҷаҳду талош мекунанд.

Дар айни замон моро мардуми ҷаҳон чун халқи дорои хислатҳои волои инсонӣ, маърифати ибратбахши давлатдорӣ ва саховату футуввати ҳастӣ дарк ва эҳтиром мекунанд. Ҳамчун шаҳрванди сарзамини ҳамешабаҳор, дар баробари ифтихор аз ҳамсолону ҳамкасбон, бо эҳтироми беандоза дархости он дорам, ки дар ободии Ватан ва устувории давлати соҳибистиқлоламон бештару бештар саҳмгузор бошем.

Шерозҷон ШАРОФОВ,
ёвари директори Филиали ДТТ дар шаҳри Исфара

НЕРӮИ ҶАВОНӢ КАФОЛАТИ ПОЙДОРИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ АСТ

“Истиқлолият – ин шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати бардавоми ҳар як фарди бедордили ҷомеа баҳри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волост”.

Эмомалӣ РАҲМОН,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДАСТОВАРДИ ШУҲРАТ НАЗАРОВ ДАР «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

14 - 17 сентябри соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе даври сеюми шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Илм — фурӯғи маърифат» ҷараён гирифт. Дар он 800 нафар аз рӯйи номинатсияҳои «Математика», «Физика ва астрономия», «Химия», «Биология», «География», «Технологияҳои иттилоотӣ», «Зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ» ва «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» иштирок намуда, 157 нафари онҳо ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ сазовор шуданд. Дар байни онҳо намояндаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи технологияи истеҳсоли маҳсулоти хӯрока Шуҳрат Назаров низ қарор гирифт. Ӯ дар номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» сазовори ҷойи дуюм гардид.

Маросими ҷоизасупории ғолибон 21 сентябри соли равон дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Умари Хайём»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе доир шуд. Ба Шуҳрат Назаров барои муваффақияти бадастоварда 20 ҳазор сомонӣ мукофоти пулӣ ва диплом тақдим карданд.

Шоёни зикр аст, ки «Илм - фурӯғи маърифат» ба рушди шавқу рағбати хонандагону донишҷӯёну омӯзгорон ба илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, тавсеаи фаъолияти ихтироъкориву навоварӣ, омӯзиши технологияҳои муосир ва зеҳни сунъӣ, инчунин таҳкими тафаккури илмӣ равона гардида, бо ташаббус ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегарданд. Ва дар баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди тафаккури илмӣ, дарёфти ҷавонони соҳибистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди қобилияти зеҳнии насли наврасу ҷавон нақши муҳим дорад.



Шуҳрат Назаровро ба ин муваффақият табрик гуфта, ба ӯ дар роҳи илм, ихтироъкорӣ ва навоварӣ дастовардҳои тоза орзумандем.

АЗ ИДОРА: Вақте шумора ба чоп омода гардид, иттилоъ гирифтем, ки дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» хонандагони боистеъдоди Литсейи инноватсионии “Душанбе”-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Аҳмад Зиёдалиев (роҳбараш Ҳ. Гулмуродзода) ва Азим Неъматов (роҳбараш С. Одинаева) низ иштирок намуда, аз рӯи номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» мутаносибан ба гирифтани ҷойҳои намунавии якум ва сеюм мушарраф шудаанд.

Чун онҳо дар арафаи марҳилаи муҳим - даври ҷумҳуриявии озмун қарор доранд барояшон барору комёбӣ, иродаи қавӣ ва фатҳи қуллаҳои навро таманно менамоем.

РУШДИ САНОАТ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ



Соҳаи саноат ва инноватсия омили муҳимтарини рушди иқтисоди миллии кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави кор фароҳам оварда шаванд.

Асоси болоравии даромади буҷети ҳар як кишварро рушди саноат, истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки саноатӣ ташкил медиҳад.

Давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар (16.12.2025) иброз доштанд ки: “Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ– саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019-2025), яъне дар 7 соли охир, беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла дар соли 2025 -ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст”.

Президенти мамлакат инчунин қайд намуданд, ки барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръат сатҳи он бояд боз ҳам афзоиш дода шавад.

Аз ин рӯ, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ супориш доданд, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то 26 фоиз расонидани ҳиссаи соҳаи саноат ва то соли 2026 ба 95 миллиард сомонӣ расонидани ҳаҷми маҳсулоти соҳа бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо рушди саноатро дар минтақаҳои кишвар тақвият бахшанд ва барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок дар корхонаҳои истеҳсолии кишвар чорабиниҳо намояд.

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳуриро барои татбиқи амалии яке аз ҳадафҳои стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар, ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, ҷалби сармоя барои ҳалли мушкилоти корхонаву коргоҳҳои аз фаъолият бозмонда, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок, ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, коркарди ниҳоии ашёи хом дар дохили кишвар ва рушди саноати нассоҷию дӯзандагӣ дар Тоҷикистон вазифадор намуд.

Ҳамчунин ба роҳбарияти вазорат супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ барои таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз “энергияи сабз” истеҳсолгардидаи кишвар чорабиниҳо карда, ба корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ мусоидат намояд.

Инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя ва ташкили корхонаҳои саноатӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дастуру супориш доданд.

Дар навбати худ роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нав ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш доданд, ки эълон намудани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» барои амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар заминаи устувор гузошта истодааст.

Инчунин соли 2025 дар кишвар корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси беш аз 8 ҳазор ҷойҳои нави корӣ мавриди истифода қарор гирифта, нисбат ба соли қаблӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 18,4 фоиз афзоиш ёфт. Ҳамчунин, дар кишвар 487 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъмин гардид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилояти Суғд суръати таъсиси корхонаҳои саноатӣ нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёдтар аст, масалан, танҳо дар чор моҳи аввали соли 2025-ум 44 корхонаи саноатии хурд ва миёна, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда таъин шудаанд, сохта ба истифода дода шуд.

Яке аз омилҳои таъсирбахш барои таъсис ва рушди корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат ин ташкил ва гузаронидани 25 форуму ҳамоишҳои соҳибкорию сармоягузорӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе, ВМКБ, минтақаҳои Суғд, Хатлон ва Кӯлоб бо иштироки сармоягузорону соҳибкорони дохилию хориҷӣ мебошад, ки дар доираи онҳо беш аз 100 санаду созишномаи нави ҳамкорӣ ба маблағи зиёда аз 32 миллиард сомонӣ, аз ҷумла барои бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ба имзо расонида шуд.

Дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз се ҳазор корхонаи саноатӣ бо 54 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад. Танҳо дар ду соли охир зиёда аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис ёфт.

Дар нимсолаи аввали соли 2025 251 корхонаи нав мавриди истифода қарор гирифта, 1714 нафар соҳиби ҷойи кор шуд. Корхонаҳои нави саноатӣ дар доираи “Солҳои рушди саноат (2022-2026)”, татбиқи саноатикунонии босуръати мамлакат ва аз кишвари аграрӣ ба индустриалӣ - аграрӣ табдил додани Тоҷикистон дар соҳаҳои саноати сабук, пилла, хӯрокворӣ, сохтмон, мошинсозӣ, мудофиа, химия, маъданҳои кӯҳӣ, металлҳои қиматбаҳо, ангишт ва ғайра ифтитоҳ ёфта, ба маблағи 60,4 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд. Бо вуҷуди ин, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатноки маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос, ҷой доранд.

Тибқи маълумоти вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Кабир, то якуми июли соли 2025, дар ҷумҳурӣ 3580 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шуд. То моҳи июли соли 2025 дар мамлакат 2411 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд. Дар ин давра шумораи корхонаҳои азфаъолиятмонда ба 92 адад расид. Аз ҷумла, дар ВМКБ 4 корхона, вилояти Суғд - 23, Хатлон - 21, шаҳри Душанбе - 24 ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 20 корхона аз фаъолият бозмонданд. Сабабҳои асосӣ аз кор мондани онҳо мушкилоти молиявӣ, яъне қарздории андозию бонкӣ, иҷоравӣ, поёнравии сатҳи рақобатнокии маҳсулоти истеҳсолӣ нисбат ба маҳсулоти воридотӣ, болоравии нархи ашёи хом, набудани талабот ва ба фурӯш нарафтани маҳсулоти истеҳсолӣ мебошанд.

Вазири саноат ва технологияҳои нав иттилоъ доданд, ки дар шаш моҳи аввали соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 22,6 миллиард сомонӣ расид, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Моҳҳои январ-июни соли 2025 барои истеҳсоли маҳсулоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳа беш аз 4,4 миллиард сомонӣ равона гардид.

Дар самти фаъолияти корхонаҳои саноати сабук ва пилла тазаккур додан ба маврид аст, ки корхонаҳои соҳаи саноати сабук бо дарназардошти корхонаҳои коркарди аввалияи пахта истеҳсоли маҳсулотро ба беш аз ду миллиард сомонӣ расонданд, ки 330,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ нуҳ дарсадро ташкил дод.

Дар корхонаҳои ресандагии мамлакат 10 ҳазору 950,9 тонна ресмони пахтагӣ истеҳсол гардида, дар коргоҳҳои бофандагӣ истеҳсоли матои пахтагӣ зиёда аз 14,4 миллион метри мураббаъро ташкил дод. Корхонаҳои дӯзандагӣ, ки дар малакат зиёда аз 147 ададро ташкил медиҳанд, дар маҷмуъ, ба маблағи 245,6 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки ба маблағи 144,5 миллион сомонӣ ба хориҷи кишвар содирот шуд.

Дар баромади Президенти мамлакат бахшида ба «Рӯзи Дониш» ва ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қайд гардид, ки тибқи маълумотҳои оморӣ, то 01 августи соли 2026 дар ҷумҳурӣ 4002 адад корхонаи хурду миёнаи саноатӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Айни замон аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дар асоси он чанд барномаи соҳавии дигар амалӣ мегардад. Онҳо ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатноки саноати ватанӣ, таъсиси корхона ва коргоҳҳои нав, ташкили ҷойҳои нави кор мусоидат намуда, барои гузариши иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузоранд.

Х. ИБРОҲИМЗОДА,
мудири шуъбаи татбиқи стратегияҳои идораи ТС ва ТИ-и ДТТ, д.и.т., профессор

35 СОЛИ ИСТИҚЛОЛ: 35 ҚАДАМИ БУЗУРГ

Ё солномаи як давраи сарнавиштсоз



Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлол ба даст оварда ва ҳамзамон бо он давлатеро ба мерос гирифт, ки иқтисодаш аз низоми ягонаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сахт вобаста буд. Аммо пас аз пошхӯрии он робитаҳои истеҳсолӣ канда шуданд, иқтисод таназзул кард ва кишвар ба буҳрони бисёрҷанба рӯ ба рӯ гардид. Бархӯрдҳои сиёсӣ бошад, ҷомеаро ба имтиҳон кашид.

Аз ин рӯ, 35 соли истиқлолро танҳо бо шумораи роҳ, неругоҳ, корхона ё биноҳои нав чен кардан дуруст нест. Меъёри воқеии он бояд дигар бошад:

Давлат аз куҷо ба куҷо расид?

Иқтисод чӣ қадар рушд кард?

Ҷомеа чӣ гуна тағйир ёфт?

Тоҷикистон дар ҷаҳон чӣ мақом пайдо кард?

Ҳоло дар назди Давлату Ҳукумати кишвар кадом вазифаҳо меистанд?

Посухи ин ва дигар пурсишҳоро дар 35 қадами муҳимми зер метавон ҷустуҷӯ кард.

1. Оғози давлатсозии муосир

Эълон гардидани Истиқлоли давлатӣ имкони таърихии сохтани давлати миллиро дар шароити нав фароҳам оварда. Аммо соҳибистиқлол шудан як чиз буд, соҳибдавлат мондан ва давлати қобили рушд сохтан чизи дигар.

Аз ҳамин ҷо марҳилаи аввалини таърихи навини Тоҷикистон оғоз шуд: ташкили институтҳои давлатӣ, қонунгузории миллӣ, низоми молиявӣ, сиёсати хориҷӣ, артиши миллӣ ва дигар рукнҳои давлатдории муосир.

2. Ҳифзи давлат ва тамомияти арзӣ

Шояд муҳимтарин дастоварди солҳои аввалро бо ин ҷумла метавон тасвир кард: давлат нигоҳ дошта шуд.

Дар воқеъ, солҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои кишвар на танҳо муборизаи сиёсӣ, балки хатари воқеии аз байн рафтани низоми давлатӣ ва парокандашавии ҷомеа буд. Баъди пушти сар кардани он давраи фоҷиабор мамлакат тавонист сохтори ягонаи давлатӣ ва тамомияти арзиро нигоҳ дорад.

Ҳамин воқеият арзиши баъзе аз дастовардҳои баъдиро бештар мекунад: роҳу неругоҳу корхона танҳо баъд аз он сохта шуданд, ки давлат тавонист суботи сиёсиро таъмин намояд.

3. Сулҳу ваҳдат - сароғози марҳилаи нав



27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид. Ин рӯйдодро бе муболиға метавон саршавии марҳилаи нави таърихи Тоҷикистон номид. Зеро сулҳ ба ҷомеа имкони гузаштан аз сиёсатҳои ҷангӣ ба сиёсати созандагиро дод. Аз ин рӯ, агар 35 соли истиқлолро бо як калима ифода кунем, он метавонад сулҳ бошад. Чун роҳ ба сӯи мактаб, беморхона, неругоҳ, корхона, роҳ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аз роҳи сулҳ мегузашт.

4. Пояи ҳуқуқии давлати нав

6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Он асосҳои сохтори давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муносибати мақомоти ҳокимият ва дигар рукнҳои давлатдориро муайян кард.

Албатта, давлати соҳибистиқлол бе низоми устувори ҳуқуқӣ наметавонад пойдор бошад. Аз ҳамин нигоҳ, қабули Конститутсия яке аз сутунҳои асосии давлатсозӣ гардид.

5. Рукни муҳимми давлатдорӣ



23 феврали соли 1993 Артиши миллии Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар шароити душвори он солҳо таъсиси неруҳои мусаллаҳи миллӣ вазифаи одии сохторӣ набуд. Он қисми раванди ташаккули давлат буд.

Алҳол ҷузъу томҳои Қуввaҳои Мусаллаҳ яке аз институтҳои асосии ҳифзи истиқлол ва амнияти миллӣ мебошанд.

6. Рамзи истиқлоли иқтисодӣ



30 октябри соли 2000 пули миллӣ - сомонӣ ба муомилот бароварда шуд. Он аз ҷумлаи рамзҳои соҳибдавлатист. Агар истиқлол дар сиёсати хориҷӣ Парчам ва Нишону Суруди миллӣ дошта бошад, дар иқтисод яке аз муҳимтарин рамзҳои он пули миллӣ мебошад.

Ба муомилот баровардани сомонӣ ба ташаккули сиёсати мустақили пулию молиявии кишвар мусоидат кард.

7. Аз иқтисоди бӯҳронӣ ба иқтисоди рӯ ба рушд


Солҳои аввали истиқлол бо таназзули шадиди иқтисодӣ ҳамроҳ буданд. Хушбахтона, дар даҳсолаҳои минбаъда вазъ тадриҷан тағйир ёфт.

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, иқтисоди Тоҷикистон соли 2025-ум 8,4 дарсад рушд кард. Бонки ҷаҳонӣ ҳамчунин қайд кард, ки рушди босуръати солҳои охир бо афзоиши даромад, истеъмол, сармоягузорӣ ва интиқоли маблағҳо алоқаманд аст.

Ин нишондиҳанда, албатта, маънои ҳалли ҳама масъаларо надорад. Вале фарқи иқтисоди буҳронии солҳои 1990 ва иқтисоди солҳои охирро нишон медиҳад.

8. Баланд шудани ММД

Мувофиқи арзёбии расмӣ, соли 2025 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилаи Тоҷикистон ба тақрибан 173



миллиард сомонӣ расид. Агар солҳои истиқлолро ҳамчун як роҳи иқтисодӣ бубинем, ин дигаргунӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии тағйири миқёси иқтисоди миллӣ мебошад.

Аммо рақами ММД танҳо дар сурате арзишманд аст, ки он ба беҳтар шудани истеҳсол, даромад, ҷойҳои корӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ табдил ёбад.

9. Коҳиши камбизоатӣ

Яке аз тағйироти муҳимми иҷтимоии давраи истиқлол коҳиши сатҳи камбизоатист. Тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ, сатҳи он тибқи хатти миллии камбизоатӣ аз 56 фоиз дар соли 2010 то тақрибан 20 фоиз дар соли 2024 коҳиш ёфт. Ҳиссаи табақаи миёна низ дар ҳамин давра аз 8 то 33 фоиз афзоиш ёфт.

Аз рӯйи хатти байналмилалии 4,20 доллар дар як рӯз, Бонки ҷаҳонӣ барои соли 2025 сатҳи камбизоатиро тақрибан 14,8 фоиз арзёбӣ кард.

Ин яке аз он рақамҳоест, ки тағйироти иҷтимоиро беҳтар аз бисёр шиорҳо нишон медиҳад.

10. Энергетика - аз мушкилот ба иқтидор

Энергетика дар таърихи истиқлоли ҷумҳурӣ мавзӯи стратегӣ шуд. Кишвар дорои захираи бузурги гидроэнергетикӣ аст, аммо солҳои зиёд норасоии мавсимии неруи барқ рушди иқтисодро маҳдуд мекард.

Дар давраи истиқлол неругоҳҳо сохта ва таҷдид гардиданд, хатҳои интиқоли барқ бунёд шуданд ва иқтидори энергетикӣ афзоиш ёфт.

Ҳадаф танҳо барқ додан ба хонаҳо набуд, балки бо неруи барқ корхона, кишоварзӣ, нақлиёт ва иқтисоди миллӣ сохтан буд.

11. НБО “Роғун” - лоиҳаи аср



Дар таърихи энергетикии Тоҷикистон номи НБО-и «Роғун» ҷойгоҳи махсус дорад. Соли 2018 агрегати аввал ва соли 2019 агрегати дуюми он ба истифода дода шуданд. Ин танҳо оғози роҳ буд.

Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, «Роғун» баъди пурра ба истифода додан метавонад солона тақрибан

АЗ ДАВЛАТСОЗӢ ТО ДАВЛАТДОРИИ МУОСИР


дар оинаи сана, рақам ва воқеиятҳо

14 400 ГВт-соат неруи барқи таҷдидшаванда истеҳсол кунад. Ҳаҷме, ки тақрибан ба 60 фоизи истеҳсоли ҳозираи неруи барқи Тоҷикистон баробар арзёбӣ мешавад. Лоиҳа метавонад ба тақрибан 10 миллион нафар дастрасии беҳтар ба неруи барқи боэътимод фароҳам оварад.

Бонки ҷаҳонӣ моҳи июни соли 2026 марҳилаи дуюми маблағгузории лоиҳаро тасдиқ кард ва интизор меравад татбиқи он беш аз 30 ҳазор ҷойи кори мустақим ва ғайримустақим эҷод намояд.

Пас, «Роғун» танҳо неругоҳ нест. Он метавонад ба яке аз меҳварҳои нави иқтисоди мамлакат табдил ёбад.

12. «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2»



Ба истифода додани НБО-ҳои «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» низ дар афзоиши иқтидори истеҳсоли неруи барқи кишвар нақши муҳим гузоштанд.

Ҳамин тавр, дар давраи истиқлол энергетика аз як бахши маҳдуди иқтисодӣ ба сутуни стратегии рушди миллӣ табдил ёфт.

13. Пайвастани шабакаи энергетикӣ

Сохтмони хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқ, аз ҷумла лоиҳаҳои дохилии пайвасткунандаи минтақаҳо, аҳаммияти стратегӣ дошт. Барқ бояд танҳо истеҳсол нашавад, он бояд ба ҷойи зарурӣ расад. Аз ин рӯ, энергетикаи муосир маҷмӯи неругоҳ, хатҳои интиқол, зеристгоҳ ва бозори барқ аст.

14. Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ



Чаҳор ҳадафи стратегии Тоҷикистон аз ҷумла масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсиониро дар бар мегирад. Барои кишвари кӯҳистон ин ҳадаф аҳаммияти махсус дорад.

Роҳ барои Тоҷикистон танҳо роҳи мошингард нест. Он имкони савдо, таҳсил, табобат, сайёҳӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамкории иқтисодӣ ва пайвасти минтақаҳост.

15. Нақбҳо - шикастани девори кӯҳистон



Нақбҳои «Истиқлол», «Анзоб», «Шаҳристон», «Чормағзак» ва дигар иншооти нақбсозӣ дар тағйири шабакаи нақлиётии кишвар саҳми бузург гузоштанд.

Кишвари кӯҳистонро бо роҳи кӯҳистон танҳо бо нақбҳо метавон ба таври воқеӣ пайваст. Аз ҳамин нигоҳ, нақбсозӣ яке аз рамзҳои инфрасохтории давраи истиқлол аст.

16. Роҳҳои нав - роҳ ба сӯи бозорҳо



Роҳҳои “Душанбе–Чаноқ”, “Душанбе–Кулма” ва дигар шоҳроҳҳо мамлакатро бо самтҳои минтақавӣ бештар пайвастанд. Ин раванд ҳоло низ идома дорад.

Дар марҳилаи нав масъала дигар танҳо сохтани роҳ набояд бошад, балки табдил додани роҳ ба долони иқтисодӣ низ ба инобат гирифта шавад.

17. Рушди роҳи оҳан

Дар давраи истиқлол сохтмони қитъаҳои нави роҳи оҳан низ идома ёфт. Барои кишвари хушкӣ, ки ба баҳр дастрасии мустақим надорад, роҳи оҳан дар интиқоли бор, робитаҳои минтақавӣ ва рушди иқтисодӣ аҳаммияти хос дорад.

Дар оянда самаранок истифода бурдани шабакаҳои роҳи оҳан метавонад барои кам кардани хароҷоти логистикӣ аҳаммияти бештар пайдо кунад.

18. Саноатикунонии босуръат - вазифаи нави иқтисодӣ

Дар солҳои охир мафҳуми саноатикунонии босуръат ба яке аз калимаҳои калидии сиёсати иқтисодӣ табдил ёфт.

Соли 2025 ҳаҷми маҳсулоти саноати истихроҷӣ аз 20 миллиард сомонӣ гузашт.

Тибқи омори расмӣ, суръати афзоиши истеҳсол дар саноати истихроҷӣ соли 2025-ум 136,2 фоиз ва дар саноати коркард 110,5 дарсад буд.

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки бахши саноатӣ дар иқтисоди кишвар аҳаммияти рӯзафзун пайдо карда истодааст.

19. Аз ашёи хом ба маҳсулоти ниҳоӣ



Саноатикунонӣ танҳо зиёд кардани шумораи корхонаҳо набояд бошад. Масъалаи асосӣ ин аст: кишавр чӣ қадар ашёи хом истеҳсол мекунад ва чӣ қадар маҳсулоти ниҳоӣ?

Пахта бояд ба маҳсулоти нассоҷӣ табдил ёбад. Маъдан то ҳадди имкон дар дохил коркард шавад. Мева танҳо ҳамчун ашёи хом не, балки маҳсулоти бастабандишуда ва коркардшуда содир гардад.

Маҳз ҳамин гузариш метавонад арзиши иловашуда ва ҷойҳои кории бештар муҳаё кунад.

20. Амнияти озуқаворӣ



Кишоварзӣ ҳамоно яке аз пояҳои иқтисод аст.

Тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ, тақрибан 73 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Аз ин рӯ, кишоварзӣ ҳамзамон масъалаи истеҳсол, шуғл, даромад ва амнияти озуқаворист.

Дар 35 соли истиқлол боғдорӣ, токпарварӣ, сабзавоткорӣ ва дигар самтҳои кишоварзӣ рушд карданд. Марҳилаи нав талаб мекунад, ки кишоварзӣ аз истеҳсоли одӣ ба агросаноати муосир гузарад.

21. Обёрӣ ва идоракунии об

Барои Тоҷикистон об ҳам сарвати миллӣ ва ҳам масъалаи стратегӣ аст.

Соли 2026 Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи 75 миллион долларирро барои беҳтар намудани идоракунии об ва обёрӣ дар Тоҷикистон дастгирӣ кард. Лоиҳа бояд инфрасохтори обёрии тақрибан 100 ҳазор гектар заминро навсозӣ намуда, ба тақрибан 470 ҳазор кишоварз ва сокинони ҷамоатҳои деҳот таъсир расонад.



Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки об барои танҳо мавзӯи дипломатӣ нест, он масъалаи мустақими иқтисоди миллӣ мебошад.

22. Сармоягузорӣ ба оянда

Дар давоми 35 сол садҳо муассисаи таълимӣ сохта ва навсозӣ шуданд,



муассисаҳои таҳсилоти олӣ густариш ёфтанд ва ихтисосҳои нав ба вуҷуд омаданд. Аммо бузургтарин дастоварди маорифро на бо шумораи биноҳо, балки бо сифат бояд чен кард. Зеро Тоҷикистон барои марҳилаи нави рушд на танҳо сохтмончӣ, балки муҳандис, табиб, омӯзгор, иқтисоддон, барномасоз, олими ҷавон ва соҳибкори рақобатпазир мехоҳад.

23. Аз мерос ба технология

Илм дар давраи истиқлол тадриҷан



бояд аз вазифаи ҳифзи мероси илмӣ ба вазифаи ҳалли масъалаҳои нави миллӣ гузарад.

Об, энергетика, пиряхҳо, иқлим, кишоварзӣ, тиб, геология, технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ ба таҳқиқоти илмӣ ниёз доранд.

Соли 2026 масъалаи истифодаи зеҳни сунъӣ дар идоракунии захираҳои об дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ба мавзӯи мушаххас табдил ёфт.

24. Сармояи инсонӣ

Дар давраи истиқлол муассисаҳои тиббӣ сохта ва таҷдид шуданд, марказҳои ташхисӣ ва ҷарроҳии муосир ба фаъолият оғоз карданд.

(Давомаш дар саҳ. 12)



Муҳаммад ҒОИБ,
Шоири халқии Тоҷикистон

МУҶАССАМАИ ИСТИҚЛОЛ

Ин баландӣ рамзи истиқлоли
халқи тоҷик аст,
Тахти бахту минбари иқболи
халқи тоҷик аст .
Ин манори сулҳу бурҷи
побаҷои ваҳдат аст,
Қалъаи уммеду кохи бегазанди
миллат аст.

Дорад осоре зи кӯҳи осмонбӯси диёр,
Ёд орад тарҳи мардони
баномуси диёр.
Қиссаҳо дорад зи размӣ
Рустаму Туси диёр,
Хишту ҳар ангораи он аст
қомуси диёр.

Ин баландӣ ҳайкали Айнию
Турсунзода аст,
Ҳайкали сарбози дар ҳифзи
Ватан ҷондода аст.
Ин баландӣ нардбон аст, ин
баландӣ ҷода аст,
По ба ҳар як зинааш
соҳибватан бинҳодааст.

Ин баландӣ роҳи аз поён ба
боло рафтан аст,
Зинароҳи орзуи сӯи фардо
рафтан аст.
Ин баландӣ ёдгори давраи озодӣ аст,
Чашми кас аз диданаш пур аз
нигоҳи шодӣ аст.

Ин баландӣ сарбаландии
Куруши сонӣ аст,
Тарҳи меҳанпарвари бемисл
дар инсонӣ аст.
Ин нишон аз Пешвои чеҳрааш
нуронӣ аст,
Нусхае аз қуллаи шоҳаншаҳи
Сомонӣ аст.

Ин баландӣ баҳри аз марказ
Ватанро дидан аст,
Кишвари сабзи пур аз богу
чаманро дидан аст.
Мулки номаш дар ҷаҳон
гул-гулфиканро дидан аст,
Миллати осудаи якҷонутанро
дидан аст.

МАҶМААИ «ИСТИҚЛОЛ»

Маҷмааи «Истиқлол» (ҳамчун Маҷмааи «Истиқлол ва Озодӣ») дар шаҳри Душанбе (назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон) ҷойгир буда, 8 сентябри соли 2022 кушода шуд. Он 121 метр баландӣ дорад, ки рамзӣ аст, яъне қисми поёнии он 30 метр - рамзи 30-солагии Истиқлоли давлатӣ ва қисмати болоӣ 91 метр мазмуни дар соли 1991-уми асри XX ба даст овардани истиқлолро ифода менамояд.

Масоҳати умумии маҷмаа 11 ҳазору 900 метри мураббаъро дар бар гирифта, майдони зери сохтмони он 4 ҳазору 761 метри мураббаъ мебошад.

Дар қисмати болои он тоҷи қутраш 8 метра, ки аз титан сохта шудааст, ҷойгир мебошад. Дар рамзи «Истиқлол» тоҷ ҳамчун рамзи давлатдорӣ, истиқлол, соҳибдавлативу соҳибтамаддунӣ ва таърихи омӯзандаи миллати куҳанбунёди тоҷикро таҷассум мекунад. Пояи маҷмаа пирамидаи ҳаштруя буда, аз 7 даромадгоҳ иборат мебошад.

Ошёнаи якуми иншооти мазкур аз 7 толори кушоду барҳавои намоишгоҳ, қабули меҳмонон ва толори синамои 5D бо 12 ҷойи нишаст иборат аст.

Осорхона

Дар ошёнаи дуюми маҷмаа Осорхонаи таърихии шаҳри Душанбе аст, ки аз намоишгоҳи аксҳо ва «Тахти тоҷикон» иборат буда, 15 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ ва ҳуҷраи назорати камераҳои мушоҳидавӣ дорад. Осорхона марҳилаҳои гуногуни таърихиро дар бар гирифта, дар он асосан бозёфтҳое, ки зимни гузаронидани кофтуковҳои археологӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе дарёфт гардидаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Аз ҷумла, дар он ҷо табарҳои сангӣ, ки аз маҳаллаи Лучоб ва соҳили дарёи Душанбе дарёфт гардида, мутааллиқ ба асри санг мебошанд, ҷой дода шудаанд.

Рамз ва меъморихои диққатҷалбкунанда

Аз ҷумла, “дарахти ҳаёт” бо реша, тана ва шохаҳои он рамзи зиндагии ҷовидона ва сарсабзию устувории ҳаёт, тоҷпоя рамзи пойдору устувор ва бардавом нигоҳ доштани тоҷ, ҳафт гунбази гирдогирди муҷассама рамзи 7 қабати замину осмон, 7 иқлим, 7 ранги асосии табиат ва 7 зинаи ташаккули илму маърифат ва худшиносию ҷаҳоншиносии инсониятро ифода менамоянд.

Яке аз меъморихои диққатҷалбкунандаи меъморӣ аз берун 14 деворнигораи андозаи 9 бар 5,20 метр иҳотанамуда мебошад, ки дар он таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи халқи тоҷик, вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ бо аксу рамз таҳти унвонҳои гуногун тасвир ёфтааст.

Деворнигораҳо бо унвонҳои мухталиф, аз қабили “Каюмарс ва Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ, шиносоӣ бо китоби Авесто”, “Ба сари қудрат расидани Куруши Кабир ва муттаҳид намудани сарзаминҳои ориёӣ”, “Муборизаи Спитамен бо Искандари Мақдунӣ” бо номи муҳорибаи “Санги суғдӣ”, доир ба се давлати абарқудрати аҳдодӣ - Ашкониён, Кушониён, Сосониён, “Девештич. Давлатдории Тоҳириён ва Саффориён”, “Сомониён. Исмоили Сомонӣ. Вазирон, аҳли илму адаб”, “Тоҷикон дар асрҳои XI - XVI”, “Темурмалик – қаҳрамони халқи тоҷик”, дастовардҳои фарҳангии як марҳалаи тӯлонии таърихи ниёкон бо нишон додани акси китобу катибаҳои асримиёнагӣ ва намунаи санъату ҳунар, шоирону адибон аз Абдураҳмони Ҷомӣ то Аҳмади Дониш, доир ба шаҳрҳои бузурги таърихии тоҷикон Саразм, Гонур, Балх, Нисо, Марв, Самарқанд, Бухоро, Тахти Сангин, Хуҷанд, Панҷакенти қадим, Бунҷикат, Ҳулбук, Қалъаи Ҳисор, Ҳирот, Ғазна, “Таърихи нав. Сохтмонҳои бузург”, “Давраи истиқлолият. Қасри Арбоб, Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Майдони Дӯстӣ, сохтмони аср – НБО-и “Рогун” ва дастовардҳои замони истиқлолият барои бинанда маълумот медиҳанд.

Майдони маҷмаа

Яке аз дигар ҷозибаҳои Маҷмааи “Истиқлол” майдони тамошои он мебошад, ки дар ошёнаи 14 дар баландии 94 метр ҷойгир аст. Майдони тамошо доирашакл буда, дорои 4 дурбини калонҳаҷм мебошад, ки тавассути он намои пойтахти кишвар ва зебоиҳои онро метавон мушоҳида намуд.

Тахти рамзии Шоҳ Исмоили Сомонӣ

Дар осорхонаи Майдони “Истиқлол” ва Маҷмааи меъмории рамзи “Истиқлол» тахти рамзии Шоҳ Исмоили Сомониро, ки бо дарназардошти арзишҳои таърихӣ сохта шудааст, шинос шудан мумкин аст. Он пурра бо усули миллӣ ороиш ва кандакорӣ шудааст. Тибқи иттилои расида, тоҷи дар болои тахт ҷойдодашуда аз тиллои тозаи истеҳсоли Тоҷикистон сохта шудааст. Тоҷро сангҳои қиматбаҳо, аз қабили алмосҳои диаметрашон 3 ва 2 миллиметра, ёқути кабуди диаметраш 15 миллиметр, тилло ва тиллои сафед ва лаъли Бадахшон бо андозаи 22 ба 15 миллиметра зинат медиҳанд. Дар рӯйи тахт фарри шоҳии тиллоӣ гузошта шудааст. Фар, ки нишони давлатдорӣ ва тахту тоҷ аст, бо 68 шуои зардӯзӣ оро ёфта, ба тоҷи заррин пайваст шудааст ва ин ишора ба эҳёи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол ва 68 шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳар як риштаи зардӯзишуда бо риштаи филизии тиллоӣ кашида шудааст.

Аз ду тарафи тахт шерҳои болдор бо минқори уқоб ҷойгир аст, ки бо шакли бозубанд аз Хазинаи Амударё ёфт шудааст. Тахт дар байни чортоқ ҷойгир буда, атрофи онро сутунҳои чӯбини бо сангҳои қиматбаҳои маҳаллӣ ороёфта иҳота кардаанд. Паси тахт бо деворнигораҳои Панҷакенти қадим, Варахша, Афросиёб ва Бунҷикат бо истифода аз сангҳои қиматбаҳо сохта шудааст.

Дар атрофи он ҳафт калиди тиллоии рамзӣ аз ҳафт шаҳри қаламрави ҳозираи ҷумҳурӣ - Душанбе, Саразм, Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Ямчун ва Ҳулбук, инчунин нусхаи намунаҳои санъати волои Хазинаи Амударё - бозубанди тиллоӣ ва Аробачаи тиллоӣ гузошта шудааст.

Таҳияи С. НУРБАХШ,
донишҷӯ





РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

ё аз худшиносии миллӣ то масъулияти шаҳрвандӣ ва рушди сармояи инсонӣ



Воқеан, тарбияи ҷавонон масъалаи ояндаи миллат аст. Ба назари ман, ҳамчун омӯзгор, агар мехоҳем тарбияи созандагони фардоро беҳтар кунем, бояд аз «чорабиниҳои тарбиявӣ» ба низоми мукаммали ташаккули шахсияти ҷавонон гузарем.

Аввалан, бояд мақсади тарбияро дигар кунем. Зеро маҳаки санҷишу мақсади тарбияи устодон танҳо тарбияи ҷавонони «боодоб» ё «ватандӯст» набошад, балки дар шароити кунунӣ ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳонишавӣ ҷавононро талқин кунем, ки онҳо донишманд ва соҳибкасб бошанд, мустақилона фикр карда тавонанд, Ватан, таърих ва фарҳангро бишносанд, қонун ва масъулияти шаҳрвандиро дарк кунанд, аз иттилооти бардурӯғ канораҷӯӣ ва худро ҳифз карда тавонанд, меҳнатдӯст ва соҳибмасъулият бошанд, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои муосирро омӯзанд, қобилияти ташаббус нишон додан ва кор офариданро дошта бошанд. Яъне, мақсади ниҳоии тарбиятгар дар шароити ҳозира асосан бояд ташаккули шахсияти худогоҳ, донишманд, масъулиятшинос ва созанда бошад.

Мақсад ва роҳҳои татбиқи тарбия набояд зиёдтар аз насиҳат иборат бошад, балки дар таҷрибаи амалӣ роҳҳои тарбияро ҷӯё шавем. Як мушкили маъмул ин аст, ки ба ҷавонон бисёр мегӯем, ки «ватандӯст бошед», «китоб хонед», «қонунро риоя кунед», «меҳнат кунед» ва амсоли инҳо. Аммо аз нигоҳи ман, таъсири тарбия вақте зиёд мешавад, ки ҷавонон ин арзишҳоро дар амал таҷриба намоянд. Барои мисол, тарбияи ватандӯстиро бо иштирок дар корҳои ободонию иҷтимоӣ, меҳнатдӯстӣ бо иҷрои лоиҳа ва амали воқеӣ, илмдӯстӣ бо шурӯи таҳқиқоти хурди илмӣ, масъулиятшиносӣ бо таъини роҳбарии гурӯҳе ё амалигардонии ташаббусе, худшиносӣ бо омӯзишу тадқиқи таърихи маҳал ва гузаштагон роҳандозӣ кард, ки чунин корбариро метавон тарбия тавассути амал номид.

Ҳар як ҷавон метавонад тавассути омӯзгор ва ё падару модар лоиҳа ё харитаи рушди шахсиро тартиб диҳад. Яъне, дар мактаб ва донишгоҳ ҷавон танҳо барои таълим не, балки ҷиҳати рушди шахсӣ низ бештар диққат дода, онро мудом пайгирӣ намояд. Аз андӯхтан ва роҳҳои пайдо кардани дониш соҳиби касбе шавад, ки дар оянда аз он нон ва ном ёбад. Донад, ки ахлоқи ҳамида асоси обрӯмандии шахс дар ҷомеа буда, ҳифз ва нигоҳдошти саломатӣ омили асосии ҳаёт аст ва нафари соҳибфарҳанг, донандаи илми технологияи муосир, шаҳрванди худогоҳ асту аз ӯ умеди иқдоми ташаббус дар роҳи ватандӯстӣ ва нақши созанда гузоштанаш дар ҷомеа метавон интизор шуд.

Барои худсозӣ ҷавонони ҳозира, асосан донишҷӯён, метавонанд лоақал дар як сол 5 китоб хонанд, маҳорати касбӣ (ҳунар) аз бар кунанд, дар як ё якчанд лоиҳаи иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ иштирок кунанд, кори хурди илмӣ омода намоянд, малакаи рақамигардонӣ омӯзанд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок кунанд ва ташаббуси хурди ҷамъиятӣ ба нақша гирифта, онҳоро амалӣ созанд.

Агар аз чунин шакли тарбия ҷавононро бархӯрдор намоем, натиҷааш аз даҳҳо маҷлиси тарбиявӣ таъсири бештар дошта метавонад.

Дар раванди таълим, вобаста ба ҳамгиро намудани таълиму тарбия, агар аз мавқеи «устод–донишҷӯ» ба муносибати «устод–шогирд» гузарем, ҷавони ҳозира ба шахси боэътимоде ниёз дорад ва барои худ онро пайдо мекунад, ки бо ӯ ҳамроз бошад.

Бинобар ин, дар донишгоҳҳо институти кураторӣ (мураббӣ, ментор) бояд мавқеи хеле баланд дошта бошад. Як нафар омӯзгор ба гурӯҳи донишҷӯён на танҳо оид ба таҳсил, балки дар мавзуъҳои интихоб ва ташаккули касб, роҳҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, рушди шахсӣ, андӯхтани илм, муносибат ба ҷомеа, нақшаҳои ояндаи ҷавонон пайваста маслиҳат диҳад.

Дигар нуктае, ки ҷойи ташвиш дар боби тарбияи ҷавонон аст, набояд онҳо чун «истеъмолкунандаи интернет» пайваста машғул бошанд, балки дар ниҳоди онҳо насли созандаи муҳтавои миллӣ шуданро тарбия намоем. Ин масъала барои ояндаи наздик, барои миллатҳо, хусусан дар кишвари мо бисёр муҳим мегардад.

Агар ҷавон ҳар рӯз соатҳо интернет истифода барад, саволи асосӣ ин нест, ки «чӣ қадар интернет истифода кард?», балки суоли матраҳ ин аст, ки «ӯ дар интернет чӣ омӯхт, кадом мавзӯъро дунболагир аст ва худро чӣ гуна шакл дода истодааст?». Аз ин хотир, бояд ба онҳо роҳнамоӣ намоем, ки аз тамошои видеои таърихӣ, суҳбатҳои илмӣ ва адабӣ, донистани муҳтавои забони тоҷикӣ, истифодаи китобҳои электронӣ, барномаҳои таълимӣ, филмҳои кӯтоҳи таърихию фарҳангӣ истифода баранд ва худ низ муаллифи чунин барномаю нигоштаҳо шуда тавонанд.

Барои мисол, дар боби таҳкими тарбия метавон дар донишгоҳ озмуне дар мавзӯи «Як донишҷӯ - як навиштаи тарбиявии рақамӣ» ташкилу баргузор кард.



Тарбияи ватандӯстиро бо касб ва иқтисод пайваст кардан эҳтимоли натиҷаи хуб ба даст овардан аст ва ин хеле муҳим аст. Вақте ҷавон эҳсос мекунад, ки донишаш барои Ватан зарур аст, муносибаташ ба таҳсил тағйир меёбад. Дар зеҳнаш агар маъниҳои зеринро: «Ман муҳандис мешавам, то дар рушди саноати Тоҷикистон саҳм гузорам», «Ман барномасоз мешавам, то маҳсулоти рақамии тоҷикӣ офарам», «Ман омӯзгор мешавам, то насли босавод тарбия кунам», «Ман олим мешавам, то масъалаи воқеии ба нафъи кишварро ҳал намоям» ҷойгир карда тавонем, ин тарбияи ватандӯстии амалӣ мешавад.

То даме ки иҷрои масъулиятеро ба ҷавонон дилпурона вобаста карда натавонем, онҳо низ аз худ маҳорат нишон дода наметавонанд. Ҷавонон вақте масъулият бар душ мегиранд, тадриҷан масъулиятшинос мешаванд. Аз ин рӯ, дар донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ метавон ба ҷавонон роҳбарии лоиҳа, ташкил намудани маҳфил, корҳои ихтиёрӣ, ташкили чорабиниҳои илмӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, лоиҳаҳои стартапӣ супорид.

Яъне, тарбия бе эътимод пурра шуда наметавонад.

Дигар самти махсуси тарбия фаъол гардонидани ҷавонон дар мубориза бо таассуб, хурофот ва ифротгароӣ мебошад. Ин корро танҳо бо суханронӣ анҷом додан душвор аст. Дар ин ҳолат бояд ба ҷавонон саволҳои дуруст пешниҳод кард. Чунки барои омӯзиш ва ибрози ҷавоб онҳо тавонанд далелу маълумот талаб кунанд, иттилооти заруриро ёфта, таҳлил намоянд ва хулосаи фитриро озод баён карда тавонанд. Ин ҳолат ҳамзамон воситаи муҳимми рушди тафаккури интиқодӣ ва устувории иҷтимоии ҷавонон шуда метавонад.

Танҳо бо мавқеъгирии омӯзгор ва муассиса ҷавонон наметавонанд соҳиби тарбияи комил шаванд. Дар ин маврид, оила ҳам бояд ба низоми тарбия баргардонида шавад. Агар чор муҳити фарогири ҷавон: оила, мактаб (донишгоҳ), ҷомеа ва фазои рақамӣ бар зидди дигаре таъсир кунад, натиҷаи тарбия суст мешавад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ лозим аст, ки дар шакли консепсияи дарозмуддат ва дар ҳамкорӣ бо дигар ниҳодҳои тарбиявӣ, усули корбариро дар ин самт комилан таҷдиди назар кунем. Бояд кӯшиш намоем, ки майлу рағбати ҷавонон асосан ба худшиносиву худогоҳии миллӣ, илму маориф, касбу ҳунаромӯзӣ, эҳтироми забону фарҳанг ва омӯзиши технологияҳои муосиру зеҳни сунъӣ равона карда шавад. Ҳамчунин, парвариши ҳисси ватандӯстӣ, мавқеи устувори шаҳрвандӣ, меҳнатдӯстӣ, майл ба соҳибкорӣ, интихоби тарзи ҳаёти солим, шавқ ба навовариву эҷодкорӣ ва масъулияти иҷтимоӣ бояд аз арконҳои асосии тарбия бошанд.

Ҳадаф аз чунин зинабандии тарбиявӣ он аст, ки дар ҳамбастагӣ ҷавононро аз як шахси тарбиягирифта ба шаҳрванди худогоҳ, донишманд, соҳибкасб ва ташаббускор табдил диҳем. Дар ин давраи ҳассосу пур аз таҳдидҳо, умеди асосии он аст, ки ҷавонони замони соҳибистиқлол ба неруи пурқуввату созандаи давлат ва миллат мубаддал гарданд.

Ғазалшоҳ САФАРЗОДА,
омӯзгори кафедраи
фанҳои гуманитарӣ,
номзади илмҳои таърих

35 СОЛИ ИСТИҚЛОЛ:
35 ҚАДАМИ БУЗУРГ АЗ ДАВЛАТСОЗӢ ТО ДАВЛАТДОРИИ МУОСИР

Ё солномаи як давраи сарнавиштсоз дар оинаи сана, рақам ва воқеиятҳо

(Идома аз саҳ. 8-9)



Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми иҷтимоӣ давомнокии умр мебошад. Тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, давомнокии миёнаи умр дар Тоҷикистон ба тақрибан 72 сол расидааст.

Вазифа дар марҳилаи нав на танҳо зиёд кардани умр, балки солҳои солими ҳаёт бояд бошад.

25. Тағйири симои Душанбе



Агар Тоҷикистонро аз рӯйи тағйири симои шаҳрӣ арзёбӣ кунем, Душанбе намунаи равшани он аст. Хиёбон, боғ, биноҳои маъмурию фарҳангӣ, меҳмонхона, марказҳои савдо ва иншооти варзишӣ симои пойтахтро дигар карданд.

Душанбе алҳол ба яке аз марказҳои дипломатӣ ва баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст.

26. Ҷавонони даврони истиқлол



Насле, ки соли 1991 ба дунё омад, 35-сола аст. Ин насл дигар хотираи мустақими Иттиҳоди Шӯравиро надорад.

Ин воқеият масъулияти бузурге мегузорад: агар насли аввал истиқлолро ба даст оварда, насли дуюм бояд онро бо дониш, касб, фарҳанг ва рақобатпазирӣ мустаҳкам кунад.

27. Варзиш - дипломатияи майдонҳо



Дар сеюним даҳсолаи охир варзиш ба яке аз василаҳои муаррифӣ табдил ёфт. Иншооти варзишӣ зиёд шуданд, намудҳои гуногуни он рушд карданд ва варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд.

Парчами Тоҷикистон айни замон дар майдонҳои варзишии ҷаҳон бештар намоён мешавад.

28. Эҳёи худшиносии миллӣ



Истиқлол ба ҷомеа имкони нав дод, ки таърих, забон, фарҳанг ва шахсиятҳои бузурги миллиро аз нигоҳи давлатдории миллӣ бештар омӯзад.

Ҷашнҳои таърихӣ, эҳёи мероси фарҳангӣ ва муаррифии осори бузургон ба бахши муҳимми сиёсати фарҳангӣ табдил ёфт.

Аммо худшиносӣ танҳо донистани гузашта нест. Худшиносии ҳақиқӣ масъулият барои оянда низ ҳаст.

29. Фарҳанг - чеҳраи миллат дар ҷаҳон



Забон, адабиёт, мусиқӣ, театр, синамо, ҳунарҳои мардумӣ ва мероси таърихӣ дар давраи истиқлол бештар ба фазои байналмилалӣ баромаданд.

Мероси фарҳангӣ алҳол на танҳо масъалаи ҳувият, балки метавонад қисми иқтисоди эҷодӣ ва сайёҳӣ низ бошад.

30. Сайёҳӣ - сарвати ҳанӯз пурра истифоданашуда



Тоҷикистон дорои кӯҳҳои азим, кӯлу пирях, водиҳои зебо ва мероси ҳазорсолаи фарҳангист. Бо беҳтар шудани роҳҳо ва инфрасохтор сайёҳӣ имкони ба яке аз муҳаррикҳои иқтисодӣ табдил шудан дорад.

Аммо барои ин на танҳо манзара, балки хизматрасонии рақобатпазир, логистика, меҳмонхона, бехатарӣ ва маркетинги байналмилалӣ лозим аст.

31. Дипломатияи об - баланд бурдани садои кишвар



Дар миёни дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз муҳимтаринҳо ташаккули мавқеи фаъол дар масъалаи об аст. Аз ибтикори соли 2003 - Соли байналмилалии оби тоза то Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028» Тоҷикистон масъалаи обро ба рӯзномаи байналмилалӣ бароварда.

Созмони Милали Муттаҳид таъкид мекунад, ки Тоҷикистон дар тӯли беш аз се даҳсола ба яке аз кишварҳои пешсаф дар масъалаи об табдил ёфтааст.

32. Пиряхҳо: аз масъалаи миллӣ ба масъалаи ҷаҳонӣ



Ташаббуси Тоҷикистон барои эълон шудани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” яке аз рӯйдодҳои муҳимми дипломатияи иқлимии солҳои охир гардид.

Соли 2025 инчунин аввалин Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар Душанбе баргузор шуд.

Ин масъала барои Тоҷикистон аҳаммияти хос дорад, зеро тағйирёбии иқлим ба захираҳои обӣ таъсири мустақим мерасонад.

Тибқи маълумоти Барномаи муҳити зисти СММ, дар даҳсолаҳои охир аз тақрибан 14 ҳазор пиряхе, ки дар даврaҳои мушоҳида вуҷуд доштанд, зиёда аз 1 ҳазор пирях пурра аз байн рафтааст.

33. Душанбе — маркази муколамаи об



25–28 майи соли 2026 Душанбе мизбони Конфронси чоруми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» гардид.

Созмони Милали Муттаҳид ин равандро яке аз платформаҳои муҳимми ҳамкории байналмилалӣ дар масъалаи об арзёбӣ кардааст.

Ҳамин тавр, номи Душанбе тадриҷан дар харитаи дипломатияи ҷаҳонии об ҷойгоҳи устувор пайдо кард.

34. Рақамикунонӣ ва зеҳни сунъӣ - рӯ ба сӯи иқтисоди нав

Агар роҳу неругоҳҳо рамзи солҳои аввали созандагии истиқлол бошанд, рақамикунонӣ рамзи марҳилаи нави давлатдорӣ шуда истодааст.

Соли 2026 дар Душанбе форуми байналмилалии «Water and AI: A Two-Way Nexus» баргузор гардид, ки дар он масъалаи истифодаи зеҳни сунъӣ барои идоракунии оқилонаи об баррасӣ шуд.

Ин аломати муҳим аст, яъне технология акнун танҳо воситаи иртибот нест, он ба воситаи идоракунии захираҳои миллӣ табдил меёбад.

35. Аз давлатсозӣ ба давлатдории муосир

Ва ниҳоят, дастоварди сию панҷумро метавон аз дастовардҳои дигар фарқкунанда донист. Зеро он на иншоот, на рақам ва на барнома аст. Он тағйири марҳилаи давлатдорӣ мебошад.

Соли 1991 пурсиш ин буд: Оё Тоҷикистон метавонад давлати соҳибистиқлол бошад?

Соли 1997 савол ин шуд: Оё ҷомеа метавонад ба сулҳу ваҳдат бирасад?

Солҳои 2000-ум пурсиш чунин шуд: Чӣ гуна иқтисод ва инфрасохтори харобшударо барқарор кард?

Дар солҳои баъдӣ: Чӣ гуна энергетика, роҳ, саноат ва инфрасохторро рушд додан мумкин?

Ва ҳоло савол дигар аст: Чӣ гуна Тоҷикистонро ба иқтисоди рақобатпазир, саноатӣ, рақамӣ, донишбунёд ва сабз табдил диҳем?



Тағйири саволҳо низ шояд муҳимтарин нишондиҳандаи 35 соли истиқлол бошад.

А. САМАРИДДИН



Насрулло АМИРАЛИЗОДА,
омӯзгори кафедраи
математикаи олӣ ва информатика

МЕҲРИ ВАТАН

Эй диёри нозанин, дар қалби ту ҷо мондаам,
Чун нишони одамият меҳри дилҳо мондаам.
Бо насими субҳгоҳат зинда мегардад равон,
Дар нигоҳи чашмаҳоят акси гуё мондаам.

Чун ба мисли Ҳофизу Бедилу, Лоиқ, Озарахш,
Нуктаҳои дилнишину лафзи шево мондаам.
Дар миёни дафтари таърихи миллат ҷовидон,
Дар сари хони сухан дурри мусаффо мондаам.

Аз китоби рӯзгори хеш бо сад орзу,
Ҳамчун Саъдӣ дар гулистонат ғазалҳо мондаам,
Бо каломи ҷонбахшу бо дуои модарам,
Ман зи лафзи шакаринат ганҷи маъно мондаам.

Ҳар кафи хоки ту бар ман кимиёи зиндагист,
Дар гулистони адаб нақши шукуфо мондаам.
Қуллаҳои сарбаландат мазҳари иқболи мост,
Ҳамчун бози кӯҳсор чашми тамошо мондаам.

Меҳри ту дар хуни ман ҷорист чун оби ҳаёт,
Дар шукӯҳи ваҳдатат дунёи маъно мондаам.
Парчамат бодо парафшон Тоҷикистони азиз,
Дар баландии нишонат нақши фардо мондаам,

Ҷашни Истиқлоли ту бодо муборак кишварам,
Ёдгоре аз ниёгон нақши воло мондаам.
Хомаи Юсуф зи меҳрат шӯълавар гардад мудом,
Дар масири ҳастиат дилро ба савго мондаам.

Самариддин ЁҚУБӢ,
устоди кафедраи фанҳои техникӣ,
мехатроника ва робототехника,
номзади илмҳои техникӣ,

ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни истиқлол дорад кишвари ободи ман,
Фахр аз иқбол дорад миллати озоди ман.
Ин шукӯҳи ҷашни мо бодо муборак бар Ватан,
Шукри бахти шод дорад мардуми дилшоди ман.

Мардуми олинажод, аз Оли Сомон номабар,
Зинда бодо гӯямат, халқи куҳанбунёди ман!
Ифтихор аз ҷашни истиқлоли ту моро хуш аст,
Зикри ту моро ба лаб, эй хоки Яздондоди ман.

Эй Ватан, шукронаи номи туву инъоми ту,
Ҳарфи номат ҳаст зеварбахш бар эҷоди ман.
Пояи девори истиқлоли мо поянда аст,
Устуворӣ мебарад аз ин сано булноди ман!



ПОСИ ЯК ФИНҶОН ШИР



Ҳовард Келли дар наврасӣ ятиму хеле нодор буда, барои муҳайё намудани қути лоямут ва шароити таҳсил муздурӣ карда, хона ба хона майдаколоҳоро интиқол медод.

Чунин рӯзе ҳам фаро расид, ки дар ҷайбаш ҳатто як сент надошт. Зери азияти шиддати гуруснагӣ қарор дод, ки ба наздиктарин хона раваду хӯрданӣ бипурсад. Дар ҳолати басо ногувор қарор дошт. Ҳамин ки ба хонае наздик гардид, дар вуҷуд итминону бовариро эҳсос намуд: рад мекунад ё на, таваккал ба Худо, ҳар чӣ бодо бод! Ӯ ба умед ангушт ба тугмаи садои пушти дар бурд ва чанд дафъа онро фишор дод. Он гоҳ ки дарро ба рӯйи ӯ бонуи зебову ҷавон боз кард, даступохӯрда шуд, худро гум кард. Шармаш омад, ки чизе бипурсад. Он гоҳ зери ҳаяҷону шарм гуфт:

– Метавонам аз Шумо як истакон об дархост бикунам?

Духтар бо фаросаташ дарёфт, ки ҷавон гурусна аст ва рафту барои ӯ як истакони пур аз шир овард. Ҳовард ба оҳистагӣ онро нӯшид ва пурсид:

– Аз Шумо чӣ қадар қарздор шудам?

– Шумо қарздор нестед, - посух дод духтар. - Модарам маро панд дода, ки бар ивази некӣ ҳаргиз чизе тамаъ накунам.

– Модоме чунин аст, барои лутфу меҳрубонӣ Шуморо аз самими қалб сипос мегӯям, – гуфт Ҳовард.

Он гоҳ ки ӯ аз хона канор рафт, на танҳо тақвияти ҷисмонӣ, балки болидагии рӯҳию равониро низ эҳсос намуд. Итминон ҳосил кард, ки то даме дар ҳаёт чунин афроди саховатманд умр ба сар мебаранд, ҳама хуб хоҳад буд!..

Аз миён солҳои зиёд пушти сар шуд.

Боре як бону, сокини ҳамин шаҳр ба бемории вазнин мубтало гашт. Духтурони маҳаллӣ дар муолиҷаи ӯ оҷиз монданд. Билохира, ба хулоса омаданд, ки беморро барои муоина ба шаҳри калон, ба назди духтурони ботаҷриба бифиристанд. Дар миёни табибони барои машварат даъватшуда Ҳовард Келли низ буд. Ӯро бо шунидани номи шаҳре, ки бемор аз он омада буд, эҳсоси аҷибе фаро гирифт. Ҳамон лаҳза бархосту ба аёдати бемор рафт. Дари ҳуҷраи хоби ӯро боз кард, бонуи аз мушкили сафар хастаро дар ҳоли хоб ёфт. Наздиктар рафт. Бо як дидан вайро шинохт. Бале, ӯ ҳамон бонуе буд, ки як вақтҳо вайро бо истакони пур аз шир зиёфат дода буд. Ҳолномаи беморӣ ва натиҷаи ташхисҳоро омӯхта, дар чеҳраи табиб осори ғаму андӯҳ падид омад: «Ҳукми маргаш хонда шуда!». Табиб ба дафтари кори худ баргашт ва хомӯш нишаста, дурудароз ба дунёи андеша фурӯ рафт. Ӯ дар мавриди бонуи бемор, оҷизии хеш ва ноадолатиҳои тақдир фикр кард. Ҳар қадар ки дасти гирои андеша ӯро ба чанги худ мегирифт, ҳамон андоза нигоҳаш ҷиддитар мешуд. Дар ниҳоят, башаст баланд шуд аз ҷойи нишасти худ ва гуфт: «На, ман аз ҳама кори имконпазир ва ғайри он истифода хоҳам бурд, то бонуро наҷот бидиҳам!». Шурӯъ аз ҳамон рӯз бемор зери таваҷҷӯҳи хоси духтур Ҳовард Келли қарор гирифт. Ҳамин тавр, ӯ бо гузашти ҳашт моҳ аз миён дар натиҷаи саъю талоши тӯлонӣ ба бемории вазнину даҳшатзо пирӯз гардид.

Ҳаёти бонуи ҷавон дигар зери хатар қарор надошт.

Духтур Ҳовард аз муҳосиботи бемористон дархост намуд, ки ҳисобномаи маблағи муолиҷаи беморро пешниҳод намояд. Чун ҳисобнома ба дасташ расид, дарёфт, ки бону муваззаф аст бар ивази табобат маблағи ҳангуфтеро пардохт намояд. Ҷойи ҳайрат набуд, метавон гуфт, ки ӯро аз он дунё бозпас оварданд. Духтур Келли ба ҳисобнома нигариста, худкорро ба даст гирифт ва дар зери барга чанд ҳарфе паси ҳам навишт. Сипас, хоҳиш кард, ки ҳисобномаро ба бону расонанд. Баргаи ҳисобнома ба дасти бону расид, аммо ҷуръат намекард онро боз намояд. Ӯ бар ин бовар буд, ки тамоми умри боқимонда бояд шабу рӯз заҳмат бикашад, то тавонад маблағи муолиҷаро пардохт намояд. Ҷуръаташро ҷамъ карда, билохира, ҳисобномаро боз кард. Аввал чашмаш ба навиштаи зери сатри «Пардохт шавад» бархӯрд. Дар он омада буд: «Бо як истакон шир маблағ пурра пардохт гардид. Духтур Ҳовард Келли».

Дар чашмони бону ашк ҳалқа зад ва қалбаш аз эҳсоси шодию нишоту қаноатмандиву сипос лабрез гардид...

Ин қиссаи пандомӯз дурустии ҳушдори зерро собит месозад:

Аз мукофоти амал
гофил машав,
Гандум аз гандум бирӯяд,
ҷав зи ҷав!

Ин навишта ривоят ва ё ҳикояти бадеӣ нест. Духтур Ҳовард Келли (Howard Kelly 1853-1943) низ шахсияти бофта не, балки терапевти шинохта ва яке аз поягузорони аввалин донишгоҳи тадқиқотии Ҷон Хопиксин дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрикост.

Қиссаи ӯ ва қазияи истакони шир низ воқеият дошта, онро ҳолномановиси ӯ нигоштааст.

Аз русӣ тарҷумаи
Сироҷиддин ИКРОМӢ

Худшиносӣ

ЛОЛА ВА СИЁВУШ - РАМЗИ МУҚАДДАСИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Дар замони пурҳаводиси ҷаҳонишавӣ масъалаи шинохти миллӣ, ҳифзи хотираи таърихӣ, эҳёи тамаддуни миллат, дар руҳияи арҷгузорӣ ба гузаштаи пурифтихор, тарбия намудани насли ҷавону ояндасози беш аз пеш афзалият пайдо карда истодааст. Миллате, ки таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллиро мешиносад, метавонад ҳувиятиро ҳифз намуда, дар роҳи пешрафт ва ободии ҷомеа муваффақ гардад. Аз ин дидгоҳ, метавон худшиносиро пояи устувори ваҳдати миллӣ, ватандӯстӣ ва рушди тафаккури фарҳангии ҳар як миллат маънидод кард.

Асосан, истилоҳи худшиносиро ба маънои шинохт, донистани таъриху фарҳанг, забон, арзиш ва мақом дар ҷомеа мефаҳманд. Мафҳуми худшиносӣ ва расидан ба ин ҷавҳар ба инсон кӯмак мекунад, ки аслро дарк ва роҳи ояндаро дуруст интихоб кунад. Гузаштагонамон дар осори гаронбаҳояшон пайваста зикр кардаанд, ки худшиносӣ аз шинохти шахсият оғоз шуда, ба шинохти миллат ва соҳибфарҳангӣ оварда мерасонад. Яъне, худшиносии миллӣ огоҳии халқу миллатҳо аз таърих, забони модарӣ, фарҳангу анъана, арзишҳои миллӣ, шинохту арҷгузорӣ ба қаҳрамонон ва шахсиятҳои таърихӣ мебошад.

Ҳар як миллате, ки қобилияти дарки худшиносии миллӣ дорад, метавонад аз фарҳанг ва истиқлолият ҳифз намояд. Миллати худшинос мардумро аз фаромӯш кардани решаҳои миллӣ ва пайравии кӯр-кӯрона ба фарҳангҳои бегона нигоҳ медорад. Бо такя ба андешаҳои бузургон, худшиносӣ мардумро ба шинохти таърих даъват карда, асоси камолоти инсон маҳсуб меёбад ва яке аз муҳимтарин омилҳои рушди шахс ва миллат мебошад. Ҳар як инсон аввал бояд худро бишносад, то худшинос гардаду шинохти ҷаҳон барояш осон.

Зимнан, мехоҳам перомуни фарҳанги баланди халқи тоҷик аз гузаштаи дур ба сӯи зебогию нафосат, аз ҷумла эҳтиром гузоштан ба гул - яке аз қадимтарин падидаҳои фарҳангии инсоният, ки тибқи шаҳодати сарчашмаҳо ба даврае мерасад, ки инсон худро ҷузъи табиат медонист ва ҳар падидаи зебои табиатро муқаддас мешуморид, андеша баён намоям. Дар ҳақиқат, одамони ҷомеаи бостон ба гул ҳамчун рамзи ҳаёт, ҳосилхезӣ, зебоӣ, эҳёи табиат ва пайванди инсон бо неруҳои осмонӣ муносибат доштанд. Онҳо мушоҳида мекарданд, ки баъди зимистони сарду тулонӣ аввал гул чун оғозбахши фасли шукуфтану зебоӣ муждарасон аст. Аз ин рӯ, рӯзи тавлиди гулро дар табиат нишонаи пирӯзии ҳаёт ба марг медонистанд.

Дар фарҳанг ва ҷаҳонбинии ориёиёни қадим табиат муқаддас буд ва дар баробари чаҳор унсур: оташ, об, замин, бод инсоният ба гиёҳу гулҳо низ ҳамчун неъматҳои офаридгор эҳтироми хоса доштанд. Гулҳо чун рамзи покӣ, нуру рушноӣ, некиву зебоӣ дар чорабиниҳо ва ҷашнҳо, хоса дар ҷашни Наврӯз мақоми махсус доштанд.

Ҳикмати фалсафии гул маънои зиёд дорад, аз ҷумла зебоӣ - арзишҳои асосии ҳастӣ, нопойдорӣ – чун умри гул зиндагӣ кӯтоҳ аст ва инсон бояд ба қадри зиндагии гузарон бирасад ва ҳар лаҳзаи онро бояд қадр кунад. Фалсафаи камоли гул - аз дона ё пиёзак то гули шукуфон расидан рамзи такомули инсон асту дар маънии ирфонияш гул рамзи ҷамоли офаридгор, ишқи ҳақиқӣ ва таҷаллии зебогии Худованд дар рӯйи замин ва табиат аст.

Эҳтиром ба гул дар анъанаи дигар халқҳои рӯйи олам низ ҷойгоҳи махсус дорад. Онро чун рамзи ҳаёт ва эҳё дониста, ҳатто дар маросимҳои динӣ истифода мекунанд ва ба гул чун рамзи покию некӣ эҳтиром мегузоранд. Дар баъзе аз фарҳангҳо бошад, онро мардум намепарастанд, танҳо тавассути гул ба зебоӣ, табиат ва офариниши Офаридгор эҳтиром мегузоранд.

Дар як қатор кишварҳои олам ба таври расмӣ ва анъанавӣ, баъзе аз намудҳои гулу рустаниро ба гунаи рамзи муқаддаси фарҳангӣ, миллӣ ё динӣ эҳтиром мекунанд. Ба гунаи мисол, дар Ҳиндустон гули «Нилуфар» (лотос) - рамзи покӣ, маърифат ва офариниш дар ҳиндуия ва буддоия, дар Чин гули «Лотос» (пион) - покӣ, шараф ва саодат, дар Ҷопон «Сакура» - рамзи зебоӣ ва гузарон будани зиндагӣ, дар Непал «Рододендрон» - рамзи табиат ва ҳувияти миллӣ, дар Мисри қадим «Нилуфари кабуд» - рамзи офтоб ва эҳёи ҳаёт, дар Эрон «Лола» - рамзи шаҳодат, ҷоннисорӣ ва муҳаббат, дар Туркия «Лола» - рамзи зебоӣ, биҳишт ва фарҳанги усмонӣ, дар кишварҳои Покистон гули «Ёсуман», Фаронса гули «Савсан», Россия гули «Бобуна», Украина гули «Офтобпараст», Молдова «Райҳон» ва дигар кишварҳои олам эҳтироми махсус бо мазмуну муҳтавои хос ба ин офаридаи табиат доранд.





Тоҷикон аз қадим гулдӯстдору зебоипараст ҳастанд ва дар бораи навъи гулҳои лолаву бунафша, наргису сиёҳгӯш, садбаргу настаран, бойчечак, ёсуман, нилуфар ва даҳҳо намуди дигар суруд, афсона, қиссаву ривоятҳо эҷод намуда, ба муносибаташон ҷашнҳо барпо мекарданд. Маросимҳои машҳури «Гулгардонӣ», «Сайри лола» дар ҷашни Наврӯз аз он шаҳодат медиҳанд, ки гул барои рӯзгори тоҷикон ҳамчун рамзи баҳору умед, зебоӣ ва зиндагии нав пазируфта шудааст. Яъне, ҳикмати гул аз дарки инсон нисбат ба табиат сарчашма мегирад ва онро, дар баробари фарҳангҳои ҷаҳон, дар асл эҳтиром ба ҳаёт, табиат ва ҳикмати офариниш медонем.

Яке аз намуди гулҳо дар фарҳанги халқи тоҷик аз қадим маъмулу соҳибэҳтиром гули «Сиёвуш» (дар баъзе минтақаҳо бо номи «Сиёҳгӯш» ва «Бойчечак» низ маълум аст) мебошад. Он яке аз гулҳои зебои ороишӣ буда, дар фарҳанги тоҷикон рамзи зебоӣ, таровати баҳор ва эҳёи табиат ба шумор меравад. Гарчанде ки дар сарчашмаҳои таърихии қадим маълумоти зиёд дар бораи ин гул вуҷуд надорад, он дар муҳити боғдорӣ ва фарҳанги мардумӣ ҷойгоҳи хос дорад. Гули «Сиёвуш» нисбат ба лола дар сарчашмаҳои хаттӣ камтар ёд шудааст, аммо дар фарҳанги мардумӣ ва боварҳои маҳаллӣ ҷойгоҳи хосса дорад ва онро аз аввалин паёмрасонҳои фасли баҳор, оғози кишту кор ва зиндашавии табиат медонанд.

Нисбат ба гули «Сиёвуш» аз қадим дар баъзе аз маҳалҳо бовар доштанд, ки баракат ва файзи баҳорро ба хона меорад. Аз ин рӯ, онро дар рӯзҳои аввали баҳор ҷамъоварӣ мекарданд ё дар хона нигоҳ медоштанд. Мувофиқи ривояти дар китоби «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ омада ва боварҳои мардумӣ, аз хуни рехтаи қаҳрамони асотирӣ - Сиёвуш дар рӯи замин гуле мерӯяд, ки онро гули «Сиёвуш» ё «Сиёвушон» меноманд. Дар мазмуни достон Сиёвуш бегуноҳ кушта мешавад ва марги ӯ яке аз ғамангезтарин қиссаҳои «Шоҳнома» аст. Мардуми Эрон ва Турон аз ин ҳодиса мотам мегиранд. Он муборизаи ҳақ бар зидди ноҳақӣ, покӣ бар зидди фитна ва адолатро таҷассум мекунад. Аз ҳамин сабаб номи Сиёвуш ва гули «Сиёвуш» то кунун дар фарҳанг ва адабиёти тоҷик зиндаву побарҷо мондааст. Ривояти рӯидани гул аз хуни Сиёвуш нишон медиҳад, ки ҳақиқат ва некӣ ҳатто баъд аз марг низ дар хотираи мардум ҷовидон мемонад ва рӯидани ин гулро рамзи бақои рӯҳ медонистанд. Гули «Сиёвуш» то ҳол яке аз рамзҳои машҳури покӣ, вафо ва ҷоннисорӣ дар фарҳанги тоҷикон боқӣ мондааст. Ин гулро чун рамзи бегуноҳӣ, покдоманӣ, ҷоннисорӣ ва ёдгории қаҳрамонии Сиёвуш шумурда, чун пурмаънотарин рамзе аз фарҳанги форсу тоҷик, ба он эҳтиром мегузоштанд.

Дар баробари гули «Сиёвуш» гузаштагонамон ба гули «Лола», ки яке аз рамзҳои қадимтарин ва машҳуртарини зебогию нафосат дар фарҳангу тамаддуни тоҷикон ба шумор меравад, то ба ҳол эҳтиром доранд. «Лола» бо рангҳои сурх, зард, сафед, гулобӣ, бунафш ва рангоранг дар мавсими гулкунӣ (март – май) зиннатбахши дашту даман мегардад. Ин гул аз замони бостон дар сарзамини тоҷикон мерӯид ва дар адабиёт, санъат, расму ойинҳо ва ҷаҳонбинии мардум ҷойгоҳи махсус дошт. Паҳноии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла сарзамини таърихии тоҷикон, яке аз марказҳои асосии паҳншавии лола дар дунё ба ҳисоб меравад. Дар кӯҳҳо ва даштҳои Тоҷикистон даҳҳо намуди лолаи худрӯй мерӯяд. Бисёр олимон бар он назаранд, ки баъзе аз навъҳои лола аз ҳамин минтақа ба дигар кишварҳо паҳн шудаанд. Ҳанӯз аз замони қадим шукуфтани лоларо дар фасли баҳор мардум нишонаи бедории табиат, оғози зиндагии нав, тараддуди деҳқони донапош ва фарорасии ҷашни Наврӯз маънидод мекарданд. Дар он давра мардум барои тамошои лолазорҳо ба сайру гашт мебаромаданд ва ин анъана то кунун дар баъзе аз минтақаҳо нигоҳ дошта шудааст.

Аз қадим то ба ҳол лола дар зиндагӣ, адабиёт, санъат ва расму ойинҳои тоҷикон ҷойгоҳи арзишманд дошта, яке аз нишонаҳои муҳимми фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Аҳли қалам, бахусус адибони тоҷик дар осорашон лоларо ҳамчун рамзи зебоӣ, ҷавонӣ, муҳаббат, покӣ ва бархе шаҳодату ҷоннисорӣ васф кардаанд. Дар мазмуни яке аз ривоятҳои мардумии тоҷику форс - афсонаи хуни дилдода гуфта мешавад, ки ҷавоне дар роҳи ишқ ҷонро аз даст медиҳаду аз қатраҳои хуни ӯ дар саҳро лолаҳои сурх мерӯянд. Аз ҳамин сабаб гули лола ҳамчун рамзи ишқи поку вафодорӣ, ҷоннисорӣ дар роҳи ишқ ва ҷавонӣ маъмул гардидааст. Ё дар андешаи фалсафии гузаштагонамон «Лола»-ро рамзи ҳаёт ва марг ва аз гузарон будани зиндагӣ ва нопойдории ҷаҳон медонанд. Дар он рамзи ишқ ва фидокорӣ - ранги сурх, рамзи ишқи сӯзон, ошиқи ҳақиқӣ, муҳаббат ва доғи сиёҳи миёни лоларо аз доғи ишқи поки ошиқ мепиндоранд. Сар аз хок баровардани «Лола»-ро рамзи эҳёи табиат, навшавӣ ва пирӯзии зиндагӣ бар марг меҳисобиданд.

Ҳунармандону нақшкошон аз муҳаббати зиёде, ки ба он доранд, нақши лоларо дар гулдӯзӣ, чакан, кандакорӣ, нақшкашӣ, заргарӣ ва ғайра фаровон истифода мебаранд. Дар намунаҳои бисёри чакани тоҷикӣ нақши лола яке аз унсурҳои асосии ороишӣ мебошад. Бе муҳоббо, дар айни замон лолазорҳои кишвар диққати сайёҳони дохиливу хориҷӣ ва дӯстдорони табиатро ҷалб карда, яке аз рамзҳои зебоии табиати Тоҷикистон, ҳатто рамзи миллӣ маҳсуб мешавад.

Қобили қайд аст, ки яке аз ойинҳои қадимии баҳорӣ дар фарҳанги тоҷикон «Гулгардонӣ» мебошад, ки пеш аз ҷашни Наврӯз ё дар рӯзҳои аввали баҳор баргузор мегардад. Гулгардонӣ истифода аз гули «Сиёвуш» суруди маъмулӣ дошт ва он дар баъзе аз минтақаҳо каме фарқ мекард, вале мазмуни он асосан як буд. Ин маросим ба истиқболи бедории табиат, омадани баҳор ва оғози соли нав бахшида мешавад. Дар он кӯдакон ва наврасон аввалин гулҳои баҳориро ҷамъ намуда, хона ба хона мегарданд ва бо хондани сурудҳои махсус омадани баҳорро мужда медиҳанд. Соҳибхонаҳо ҳамчун рамзи эҳтиром ба навиди баҳору рӯзи нав ба кӯдакони саршори шодӣ ширинӣ, мева, кулчақанду нон ва ё туҳфаҳои муносиб медиҳанд. Ин анъана дар русуми мардуми маҳаллӣ ҳамчун рамзи дӯстию меҳрубонӣ ва шодмонии мардум маҳсуб мешуд.

Боиси тазаккур аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ ҳамчун арҷгузорӣ ба анъана ва суннатҳои миллии аҷдодонамон ибтидо аз 13 декабри соли 2018 дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҷашни «Сайри гули лола» бо баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ ва ҷашни умумимиллӣ роҳандозӣ мегардад. Ҳадафҳои асосӣ аз амали ин ташаббус ободу зебо гардонидани шаҳру деҳот, рушди фарҳанги гулпарварӣ, бедор намудани завқи зебоипарастӣ, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани маърифати экологӣ ва муҳимтар аз ҳама, эҳёи анъанаҳои қадимаи тоҷикон вобаста ба сайри гули лола мебошад.

Мурод аз ин нигошта он аст, ки устуворона амаликунандаи андешаҳои хирадсолоронаи Пешвои муаззами миллат ва дар ҳама ҷанбаи эҳёи миллӣ муаррифкунанда ва эҳёгари таъриху тамаддуни миллат бошем. Нагузорем, ки фарҳангу тамаддуни ҳазорсолаҳо бунёдгузоштаи аҷдодонро бегонагон аз худ кунанд. Зеро миллат бо гиромидошти таъриху фарҳангаш зиндаву побарҷо мемонад.

Ғ. САФАРЗОДА,
номзади илмҳои таърих,
мушовири ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон



РАҚАМИКУНОНӢ ОМИЛИ КАЛИДИИ ШАФФОФИЯТ ВА МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ АСТ

Дар шароити ҷаҳони муосир рушди технологияҳои рақамӣ ба яке аз омилҳои асосии пешрафти давлатҳо табдил ёфтааст. Алҳол рақамикунонӣ на танҳо воситаи осон намудани зиндагии мардум, балки механизми муҳимми таъмини шаффофият, самаранокӣ ва мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи рушди иқтисоди рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эълон намудааст.

Коррупсия яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир буда, ба рушди иқтисод, сатҳи зиндагии мардум ва эътимоди ҷомеа ба давлат таъсири манфӣ мерасонад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки коррупсия монеаи ҷиддии рушди давлат ва ҷомеа мебошад. Аз ҳамин хотир, аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти муҳимми сиёсати давлатӣ роҳандозӣ намуд.

Бо ин мақсад, ҳанӯз соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» қабул гардид. Баъдан, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ҳамроҳ шуда, заминаи ҳуқуқии муқовимат ба коррупсияро тақвият бахшид. Дар ин замина, соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳоло дар кишвар як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030» ба баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ равона гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ метавонад яке аз воситаҳои муассири коҳиш додани коррупсия бошад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки аксари амалҳои коррупсионӣ ҳангоми тамоси мустақими шаҳрвандон бо мансабдорон ба вуҷуд меоянд. Вақте хизматрасониҳо ба шакли электронӣ пешниҳод мешаванд,



нақши омилҳои инсонӣ кам гардида, имконияти суиистифода аз мақом маҳдуд мегардад.

Дар солҳои охир Тоҷикистон дар самти рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ қадамҳои муҳим гузоштааст. Қабули «Консепсияи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» барои рушди низоми муосири хизматрасониҳои давлатӣ замина фароҳам оварданд.

Соли 2024 зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025–2030 ҳамчун “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон карда шаванд. Ин иқдом аҳаммияти махсуси рушди технологияҳои рақамиро дар пешрафти кишвар боз ҳам бештар нишон медиҳад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ воқеан метавонад ба коҳиши сатҳи коррупсия мусоидат намояд. Масалан, дар бисёр кишварҳо хизматрасониҳои давлатӣ тавассути порталҳои электронӣ пешниҳод мешаванд. Ин раванд шаффофиятро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки ҳар як мурочиат дар низоми электронӣ сабт ва назорат карда шавад.



Айни замон дар Тоҷикистон низ низоми гардиши электронии ҳуҷҷатҳо тадриҷан густариш меёбад. Тибқи маълумоти расмӣ, садҳо мақомоти давлатӣ ба низоми гардиши ҳуҷҷати электронӣ пайваст гардида, ҳазорҳо шаҳрванд аз хизматрасониҳои давлатӣ тавассути порталҳои электронӣ истифода мебаранд. Ин раванд ба коҳиш ёфтани вақти баррасии ҳуҷҷатҳо, кам гардидани бюрократия ва аз байн рафтани бисёр омилҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

Мутахассисон бар он назаранд, ки технологияҳои иттилоотӣ метавонанд дар пешгирӣ ва ошкорсозии ҳолатҳои коррупсионӣ нақши муҳим бозанд. Аз ҷумла, истифодаи зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумоти калон (Big Data), блокчейн ва дигар технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки амалиёти шубҳанок сари вақт муайян карда шаванд.

Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ худ аз худ ҳама мушкилро ҳал карда наметавонад. Технологияҳои рақамӣ низ метавонанд барои амалҳои ғайриқонунӣ истифода шаванд. Аз ҳамин сабаб, ҳамзамон бо рушди технологияҳо бояд масъалаҳои амнияти киберӣ, назорати давлатӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ тақвият дода шаванд.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки мубориза бо коррупсия танҳо тавассути қонунҳои сахт не, балки бо ташаккули фарҳанги таҳаммулнопазирӣ нисбат ба коррупсия самара медиҳад. Дар баъзе аз давлатҳо шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, озодии воситаҳои ахбори омма ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ ба коҳиш ёфтани сатҳи коррупсия мусоидат намудаанд.

Дар ин замина, муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ нақши муҳим доранд. Омода намудани мутахассисони соҳибмаърифат, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи адолатпарастӣ метавонанд дар ташаккули ҷомеаи шаффоф саҳми арзанда гузоранд.

Айни ҳол ҷомеаи ҷаҳон ба сӯи иқтисоди рақамӣ босуръат ҳаракат дорад. Тоҷикистон низ бояд аз имкониятҳои технологияҳои муосир самаранок истифода намояд. Рақамикунонии идоракунии давлатӣ, рушди хизматрасониҳои электронӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ метавонанд ба баланд гардидани сифати хизматрасонӣ, коҳиши коррупсия ва таҳкими эътимоди мардум ба давлат мусоидат намоянд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки рақамикунонӣ яке аз роҳҳои муҳимми таъмини шаффофият ва рушди устувори ҷомеа мебошад. Танҳо тавассути ҳамкории давлат, ҷомеа ва мутахассисони соҳаи технология имкон дорад низоми самараноки муқовимат ба коррупсия ташаккул дода шавад.

Абдураҳмон ИБРОҲИМОВ,
донишҷӯи курси дуюми факултети иқтисодиёт ва молия, ихтисоси 1-25010805 – “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат”

Ба муносибати Рӯзи Рӯдакӣ

ШОИРИ ХУРОСОН



Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ дар давраи давлатдории Сомониён ба камол расида, мақоми ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба ҳаддест, ки вайро асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс ва «Одам-уш-шуаро» меноманд.

Дар шеъри Рӯдакӣ инсон мавқеи марказӣ дорад. Ӯ бояд дониш омӯзад, некӣ кунад, аз умр дуруст истифода барад ва аз хирад кор бигирад. Ин андешаҳо маҳз ҳамон арзишҳое мебошанд, ки барои ташаккули мутахассиси асри XXI низ заруранд.

Шояд дар назари аввал миёни Рӯдакӣ ва технологияи муосир фосилаи бузург ба назар расад. Аммо агар амиқтар назар кунем, он қадар зиёд нест.

Аз ин рӯ, мутахассиси ҳақиқии замони нав бояд ҷаҳонро дарк кунад. Барои ин технология кофӣ нест. Ба инсон китоб, забон, таърих, адабиёт ва фарҳанг низ лозим аст. Аз ҳамин ҷиҳат Рӯдакӣ барои донишҷӯи ҳозира ҳам устоди ошност.

Алҳол дар бораи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, платформаҳои рақамӣ ва рушди иқтисоди донишбунёд бисёр мегӯянд менависанд. Аммо пеш аз ин ҳама воситаи бузурги иртиботӣ вуҷуд дошт - забон. Ва он бешак, аввалин «технологияи» маънавии инсон барои нигоҳдорӣ ва интиқоли дониш буд, ҳаст ва мемонад. Зеро бо забон инсон андешаашро ба дигарон мерасонад. Бо забон дониш аз насл ба насл мегузарад. Бо забон таърих ҳифз мешавад. Бо забон фарҳанг зинда мемонад.

Шоёни зикр аст, ки дар ташаккули забони адабии тоҷикӣ ва рушди назми тоҷику форс нақши Рӯдакӣ ниҳоят бузург аст. Аз ин рӯ, пос доштани номи вай танҳо эҳтироми шоири бузург нест. Эҳтиром ба забон, ба андеша ва ба хотираи фарҳанги миллат аст:

Шуд он замона, ки шеъраш ҳама
ҷаҳон бинвишт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири
Хуросон буд...

Замонаҳо мегузаранд. Давлатҳо тағйир меёбанд. Технологияҳо кӯҳна мешаванд ва технологияҳои нав ҷойи онҳоро мегиранд. Аммо номи Рӯдакӣ боқӣ мемонад. Ба маънои дигар, замоне Рӯдакӣ дар он танҳо шоири як сарзамин буд, гузашт. Ӯ падидаи бузурги фарҳангии ҷаҳони форсизабон ва мероси муштараки фарҳангии инсоният аст.

Аз ин нуқтаи назар, “Рӯзи Рӯдакӣ”, ки ҳар сол 22 сентябр дар Тоҷикистон таҷлил мешавад, рӯзи бедории хотира аст. Ин сана бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2002 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ворид гардид ва ба фурсати муҳим барои баргузории маҳфилҳои адабӣ, конфронсҳои илмӣ, намоишҳои китоб, қироати шеър ва барномаҳои фарҳангӣ табдил ёфт.

Шафтолуи гап, ҳамин ки донишомӯзи асри технология, агар ҳамзамон бо илм Рӯдакиро низ бишносад, соҳиби ду неру мегардад: неруи дониш ва неруи маърифат. Яке ба ӯ имкони сохтани ояндаро медиҳад. Дигаре меомӯзонад, ки он ояндаро барои инсон чӣ гуна бояд сохт.

Шояд ҳамин бошад паёми ҳазорсолаи Рӯдакӣ ба ҷавонони ҳозира. Пайғоме ошно, ки ҳанӯз ба охир нарасидааст.

С. САМАНДАР,
донишҷӯ





ОФТОБИ ДУРАХШОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРС

22 сентябри соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо мақсади арҷгузорӣ ба мероси гаронбаҳои Одам-уш-шуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳти унвони «Рӯдакӣ - поягузори адабиёти класикии тоҷику форс» ҳамоиши илмӣ-адабӣ баргузор шуд. Зимни он раёсати донишгоҳ, устодон, кормандон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Меҳмони чорабинӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзо Солеҳ аснои суханронӣ дар бораи мақому манзалати устод Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс ва нақши ӯ дар ташаккули назми классикӣ андешаронӣ намуд. Таъкид гардид, ки устод Рӯдакӣ бо эҷодиёти пурғановат ва андешаҳои баланди инсонпарварона дар рушди забону адабиёти миллӣ саҳми бесобиқа гузоштааст. Осори вай саршор аз ғояҳои некиву накӯкорӣ, хирадварзӣ, ватандӯстӣ ва муҳаббат ба инсон буда, то кунун аҳаммияти маънавию тарбиявӣ ҳифз кардаанд.

Дар идома доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Нурмаҳмад Одинаев доир ба ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар таърихи тамаддуни тоҷикон сухан гуфт. Номбурда зикр намуд, ки Рӯдакӣ на танҳо ҳамчун шоири тавоно, балки чун донишманди соҳибтаҷриба ва мутафаккири барҷаста шинохта шуда, эҷодиёти ӯ оғози марҳилаи нави рушди назму насри адабӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии донишгоҳ Таиба Бобоева хусусиятҳои забонӣ, бадеӣ ва ғоявии ашъори Рӯдакиро мавриди баррасӣ қарор дод. Вай хотирнишон намуд, ки забони осори Рӯдакӣ бо содагӣ, равонӣ, фасоҳат ва дарбаргирии маъниҳои баланди ахлоқию фалсафӣ фарқ карда, дар ташаккули меъёрҳои адабии забони тоҷикӣ нақши калидӣ бозидааст.

Доир ба аҳаммияти омӯзиши мероси Рӯдакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва нақши осори классикон дар тарбияи маънавии ҷавонон номзади илмҳои фалсафа, дотсент Исомуддин Шарифзода иброз дошт, ки шинохти дурусти мероси ниёгон, бахусус, осори устод Рӯдакӣ, барои таҳкими худшиносии миллӣ, эҳтиром ба забони давлатӣ ва дарки арзишҳои волои инсонӣ муҳим аст.

Қобили зикр аст, ки раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузории чунин чорабиниҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангиро ҳамчун василаи муҳимми баланд бардоштани маърифати донишҷӯён ва эҳтиром ба мероси гаронбаҳои миллӣ мунтазам дастгирӣ ва роҳандозӣ менамояд.

«ФАНОВАР»

30-юми сентябр - Рӯзи бузургдошти Мавлоно

ВАССОФИ ИНСОНГАРОӢ ВА ПОЯГУЗОРИ ТАФАККУРИ АХЛОҚӢ

Дар таърихи фарҳанги умумибашарӣ шахсиятҳое ҳастанд, ки бо осори мондагор ва андешаҳои равшангаро ба ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии ҷомеа саҳми арзанда гузоштаанд. Яке аз онҳо Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) мебошад, ки бо мероси гаронбаҳо, бахусус, асари пурғановату пурҳикматаш «Маснавии маънавӣ», ҳамчун вассофи инсонгароиву ахлоқи ҳамида ва таблиғгари муҳаббат ба инсоният шинохта шудааст.

Мавлоно инсонро меъёри олии ҳастӣ медонад ва баробарии одамонро, новобаста ба миллату забон, таъкид карда, миёни башарият ягонагӣ ва ҳамбастагӣ таблиғ намудааст. Ба таъкиди ӯ, покиву беолоишии ботин ва муҳаббати самимӣ ба ҳамдигар шарти асосии камолоти шахсӣ ва иҷтимоии инсон мебошанд.

Инсонгароии Мавлоно хислати умумибашарӣ дорад: ӯ инсонро «ҷаҳони кӯчак» номида, сирри офаринишро дар вуҷуди вай таҷассумёфта медонад. Идеяи муҳаббат ва дӯстӣ дар маркази таълимоти ӯ қарор дорад. Ба андешаи Мавлоно, адолат ва шафқат пояи зиндагии ҷамъиятӣ мебошанд.

Асари бузурги ӯ «Маснавии маънавӣ», ки дар шаш дафтар ва зиёда аз 25 ҳазор байт таълиф шудааст, аз муҳимтарин сарчашмаҳои фалсафӣ ва ахлоқии инсоният ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқон онро ҳатто «Ҳаст “Қуръон” дар забони паҳлавӣ» номидаанд. Дар ин китоб масал, қисса ва ҳикоятҳои пурмазмун барои ташаккули тафаккури ахлоқӣ ва инсонгароёна истифода шудаанд, ки хонандаро ба андеша водор намуда, ӯро ба дарки мақсаду маънои ҳақиқии зиндагӣ ҳидоят месозанд.

Мавлоно таъкид мекунад, ки роҳи саодату ҳидоят аз худшиносӣ ва худогоҳӣ оғоз ёфта, тавассути муҳаббат ва эҳтироми дигарон ба камоли маънавӣ мерасонад. Бар ин назар аст, ки агар инсон муҳаббатро пешаи худ созад, тамоми талхиҳои зиндагӣ ширин мегардад:



Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.

Мероси Мавлоно аз марзи фарҳанги форсӣ гузашта, ба ганҷинаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Далели ин гуфтаҳо тарҷума гардидани асарҳои ӯ ба даҳҳо забон ва тадрис шудани онҳо дар донишгоҳҳои маъруфи Аврупо, Амрико ва Осиё мебошад. Созмони бонуфузи байналмилалии ЮНЕСКО низ Мавлоноро ба сифати шахсияти барҷастаи фарҳанги ҷаҳонӣ эътироф карда, ҳар сол дар ҷаҳон ба хотири бузургдошти ӯ ҳамоишу конфронсҳо баргузор мекунад.

Дар Тоҷикистон низ ба ин шахсияти таърихиву фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Бо иқдоми маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз соли 2009-ум 30-юми сентябр Рӯзи бузургдошти Мавлоно бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мешавад. Дар ин рӯз муҳаққиқон, пажӯҳишгарон ва мавлоношиносон мақола, китоб ва кори илмӣ ба табъ расонда, пешкаши ҳаводорону дилбохтагони назми ин орифи бузург мегардонанд.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ бо осори пурҳикмат ҳамчун вассофи инсонгарой, мутафаккири бузург ва тарғибгари сулҳу дӯстӣ дар таърихи башарият ҷойгоҳи арзанда касб кардааст. Арҷгузорӣ ба шахсияти ӯ ва таҷлили Рӯзи Мавлоно на танҳо нишони ифтихори миллӣ, балки рамзи эҳтиром ба арзишҳои умумибашарии ахлоқ, маънавият ва инсондӯстӣ мебошад.

М. БОҚИЗОДА,
мудири шуъбаи кор
бо ҷавонон ва варзиши ДТТ

Фановар
FANOVAR
Нашрия Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ навиштаҳояшонро пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М.М., Яминзода З.А., Ғаффоровзода Ф.М., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор нигоштаҳоеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтаномаи «Фановар» 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха